
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ВБД: 657: 631.1
ТКБ: 65.300-65.318



Бо ҳуқуқи дастнавис

МАҲМАДУЛЛОИ РАҲМОНИ МАҲМАДАЛӢ

МУКАММАЛГАРДОНИИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ ЭКОСИСТЕМАИ АГРАРӢ

(дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси
6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит
(6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит)

Роҳбари илмӣ:
доктори фалсафа (PhD)
Сайфиддинзода С.С.

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластерикунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин,** доктори фалсафа (Ph), ходими калони илмии шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва кор бо грантҳои Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ:	**Қодирова Гулмо Толибовна**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
	Манучеҳри Нозимии Раҷабзода, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
Муассисаи пешбар	Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи 14 ноябри соли 2026, соати 10:00 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии «В», толори №305, почтаи электронӣ: 6d.koa.100 @mail. ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 981000050.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва сомонаи расмии он ((www.iutet.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
Доктори фалсафа (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**

М У Қ А Д Д И М А

Мубрамии мавзуи таҳқиқот бо афзоиши талаботи иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои он ба низоми саривақтӣ ва самараноки баҳисобгирии равандҳои идоракунӣ асоснок мегардад. Низоми мазкур бояд дар марҳалаҳои гуногуни қабули қарорҳои истеҳсолӣ маълумоти боэътимодро таъмин намояд. Дар айни замон комплекси агросаноатӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мавқеи муҳим дорад. Рушди он ба таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, устувории даромади оилаҳои деҳот ва таъмини саноат бо маҳсулоти коркард алоқаманд аст. Ин масъала барои вилояти Хатлон аҳаммияти махсус дорад, зеро қисми зиёди аҳолии вилоят ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қатори мушкилоти асосии КАС инҳо шуморидла шудаанд: "... механизми заифи дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои КАС; монеаҳо барои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд; заминаи ақибмондаи моддию техникии КАС дар сурати маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои он ба иттилоот доир ба бозорҳои фурӯши пуриқтидор, дарозмуҳлат ва гарон будани амалиётҳои тиҷорати беруна, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таҳдид менамоянд» [38, С. 74]. Яке аз сабабҳои чунин вазъ мавҷуд набудани низоми самараноки баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатии ҷумҳурӣ мебошад.

Давраи муосир бо рушди босуръати технология ва усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ фарқ мекунад. Дар кишварҳои пешрафта технологияҳои навтарин барои гирифтани маълумоти боэътимод оид ба хароҷот, даромад ва натиҷаҳои фаъолияти воҳидҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд. Баҳисобгирии идоракунӣ ба марҳалаи нави рушд ворид гардидааст. Хусусияти асосии ин марҳала истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ҳангоми ҷамъоварӣ, коркард ва ҷамъбасти иттилооти идоракунӣ мебошад.

Дар шароити муосир субъектҳои иқтисодӣ дар муҳити рақобат фаъолият намуда, бо унсурҳои муҳити беруна пайваста ҳамкорӣ мекунанд. Сатҳ ва тарзи ин ҳамкорӣ сифати фаъолияти экосистемаи шарикии стратегии субъектҳоро муайян менамояд. Хусусияти фаъолияти экосистема ва шиддати робитаҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ истифодаи низоми ягонаи баҳисобгирии равандҳои идоракуниро тақозо мекунад. Ин низом бояд ҳисоботдиҳӣ ва мубодилаи саривақтии иттилоотро таъмин намояд. Аз ин рӯ, барои такмили баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити фаъолияти субъектҳои комплекси агросаноатӣ истифодаи равиши экосистемавӣ зарур мегардад.

Технологияҳои рақамӣ меҳвари тағйироти таҳаввулӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ ба шумор мераванд. Рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамзамон бо мураккаб гардидани муносибатҳои байнисубъектӣ дар доираи равиши экосистемавӣ сурат мегирад. Дар чунин шароит таъминоти методии

баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба талаботи муҳити рақобат ва хусусияти фаъолияти муосири соҳибкорӣ ҷавобгӯ бошад.

Сарфи назар аз тағйироти мусбати солҳои охир дар комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, сифат ва самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ҳанӯз ба талаботи мавҷуда пурра ҷавобгӯ нест. Барои баланд бардоштани натиҷаҳои идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ муайян намудани ҳудуд ва имконоти истифодаи равиши экосистемавӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ аҳаммияти калон дорад. Татбиқи он метавонад истифодаи мутавозини технологияҳои нави баҳисобгириро дар муҳити фаъолият ва ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин намояд. Масоили зикршуда интихоби мавзуи диссертатсияро муайян намуданд. Ҳалли онҳо барои баланд бардоштани сифати иттилооти идоракунӣ ва таҳкими устувории иқтисодии корхонаҳои вилояти Хатлон зарур мебошад.

Дараҷаи омузиши мавзуъ. Масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ, бо таъкид ба такмили системаҳои идоракунии хароҷот, ташкили марказҳои масъулият ва истифодаи маълумоти баҳисобгирӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ, солҳои тӯлонӣ дар маркази таваҷҷӯҳи олимони хориҷӣ ва ватанӣ қарор доштанд. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ, доираи масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ низ васеъ шуда, яке аз унсурҳои асосии дастгирии иттилоотии идоракунии корхонаҳо гардид. Саҳми назарраси олимони машҳури хориҷӣ, аз ҷумла Р. Энтони [51], Ҷ. Хорнгрен [55], Р. Каплан [56], К. Дрюри [53], Р. Хансен [54], Ҷ. Шанк [57], Ҷ. Аткинсон [52], Р. Саймонс [58] ва дигарон дар ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ гузоштаанд. Асарҳои онҳо омӯзиши амиқи масъалаҳои марбут ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот, буҷетсозӣ, марказҳои масъулият, гузоришдиҳии дохилии идоракунӣ, идоракунии занҷираи арзиш ва усулҳои муосири таҳлили фаъолияти корхонаро пешниҳод мекунанд.

Ҷанбаҳои гуногуни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, такмили баҳисобгирии хароҷот, таҳлили фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва мутобиқ намудани низоми баҳисобгирӣ ба шароити иқтисоди бозорӣ дар корҳои олимони мамлакатҳои ИДМ, аз ҷумла С. А. Николаева [29], В. Б. Ивашкевич [11], М. А. Вахрушина [4], Я. В. Соколов [37], В. Ф. Палий [30], О. Д. Каверина [12], Н. Г. Чумаченко [48], В. Э. Керимов [16], Т. П. Карпова [14], А. Д. Шеремет [50] ва дигарон инъикоси васеъ ёфтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаҳои назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди комплекси агросаноатӣ дар корҳои як қатор олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин самт корҳои Д.Н. Дадоматов [7], С.Х. Раҳимов [32], Б.Ҳ. Каримов [13], М.Р. Кошонова [20], Б.М. Кузибаева [21], Т.Б. Рачабов [33], Ҳ.Қ. Қурбонализода [23], Д.С. Амонова [2], И.О. Шарипов [49], А.Амирҷони [1], С.Ҷ. Комилов [18], Р.Н. Қодиров [22], М.Ш. Мирзозода [27], З.Т. Набиева [28], С.С. Сайфиддинзода

[34], Ҷ.Ҳ. Тағоев [40], Н.Хоналиев [43], Қ.Х. Хушвахтзода [45], М.А. Ҳакимова [46] ва дигар муҳаққиқон қобили зикр мебошанд.

Асарҳои илмии муаллифони ватанӣ раванди баҳисобгирии хароҷотро дар истеҳсолоти кишоварзӣ меомӯзанд. Онҳо усулҳои муайян кардани хароҷот ва назорати дохилиро меомӯзанд. Аммо, аксари таҳқиқот ба фаъолияти як субъекти алоҳидаи соҳибкорӣ маҳдуданд. Робитаҳои корхона бо дигар иштирокчиёни истеҳсолоти кишоварзӣ одатан берун аз системаи баҳисобгирӣ боқӣ мемонанд.

Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар экосистемаи кишоварзӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Масалан, тартиби ягонаи инъикоси хароҷот дар тамоми занҷираи арзиш ҳанӯз таҳия нашудааст. Принсипҳои таъсиси марказҳои масъулият дар корхонаҳои агросаноатӣ ба таҳияи минбаъда ниёз доранд. Методологияи арзёбии фаъолияти онҳо бо назардошти хусусиятҳои соҳа низ зарур аст.

Ҷанбаи рақамии мушкилот низ пурра омӯхта нашудааст. Таҳаввулоти мавҷуда бештар бо автоматикунонии баҳисобгирии молиявӣ алоқаманданд. Имконияти муттаҳид кардани маълумоти баҳисобгирӣ ва истеҳсолӣ камтар омӯхта шудааст. Пайдарпайии татбиқи абзорҳои рақамӣ дар корхонаҳо бо сатҳҳои гуногуни омодагии техникӣ муайян карда нашудааст.

Мавҷудияти ин камбудиҳо самти асосии таҳқиқоти рисоларо муайян кард. Дар кор баҳисобгирии идоракунӣ бо ҷараёни хароҷот дар тӯли занҷираи арзиш алоқаманд аст. Сохтори дохилии он ба марказҳои масъулият асос ёфтааст. Роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда вазъи кунунии корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлонро ба назар мегиранд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи диссертатсия бо афзалиятҳои сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Самтҳои асосии кор бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441), «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба амалигардонии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №231), «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №154) алоқаманданд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар доираи ду мавзуи илмии давлатӣ ба даст оварда шудаанд. Мавзуи аввал рақами бақайдгирии 0121TJ1092 дорад ва ба таҳияи механизми иҷтимоию иқтисодии ташаккули инфрасохтори деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бахшида шудааст. Мавзуи дуюм, ки таҳти рақами 0126TJ01759 ба қайд гирифта шудааст, ба таҳияи система барои рушди инфрасохтори рақамӣ барои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 нигаронида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқот ба мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ равона шудааст. Механизми ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш барои назорати хароҷот ва муайян намудани саҳми воҳидҳои корхона дар натоиҷи фаъолият пешниҳод гардидааст. Модели иқтисодӣ-риёзӣ имкони арзёбии самаранокии қарорҳои идоракуниро фароҳам меорад. Модели рақамӣ ва харитаи роҳи татбиқи он ба муттаҳид намудани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ ва буҷетӣ нигаронида шудаанд. Натоиҷи таҳқиқот барои такмили ҳисоботи дохилӣ ва таъмини роҳбарият бо иттилооти саривақтию боэътимод дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон пешбинӣ шудаанд.

Мақсади таҳқиқот аз таҳияи асосҳои назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалии мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси истифодаи равиши экосистемавӣ бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ иборат мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шуданд:

– таҳқиқ асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ, муайян намудани моҳияти иқтисодӣ ва нақши он дар идоракунии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои иқтисодӣ, соҳавӣ ва ташкилии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ;

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи агросаноатӣ ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили тамоюлҳои рушди комплекси агросаноатӣ ва муҳити ташаккули экосистемаи аграрӣ дар вилояти Хатлон;

– моделсозии таъсири омилҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва асоснок намудани нишондиҳандаҳои арзёбии он;

– коркард ва пешниҳоди механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ.

Объекти таҳқиқот фаъолияти баҳисобгирӣ ва идоракунии корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мебошад, ки дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ фаъолият намуда, барои ташкили низоми самараноки таъминоти иттилоотии идоракунӣ, назорати истифодаи захираҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ замина фароҳам меоранд.

Предмети таҳқиқот муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва иттилоотие мебошанд, ки дар раванди ташаккул, амалисозӣ ва мукаммалгардонии

низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки барои қабули қарорҳои асосноки роҳбарӣ, коҳиш додани хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, беҳтар истифода намудани захираҳои моддию меҳнатӣ ва молиявӣ, баланд бардоштани даромаднокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо замина фароҳам меорад.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, назарияи экосистемаҳои аграрӣ, идоракунии рақамӣ ва ташкили низомҳои иттилоотии идоракунӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисоди миллӣ, санадҳои байналмилалии танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва аудит, инчунин маводи ташкилотҳои байналмилалӣ истифода гардидаанд.

Асоси методологии таҳқиқот ба истифодаи равишҳои системавӣ, комплексӣ, институтсионалӣ ва экосистемавӣ такя намуда, имконият медиҳад фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ҳамчун низоми ягонаи иқтисодӣ ва иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлилу таркиб, муқоиса, гурӯҳбандӣ, мушоҳида, ҷамъбаст, таҳлили оморӣ, таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодию риёзӣ, графикӣ ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ истифода шудаанд.

Сарчашмаҳои маълумоти таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ ва кишоварзӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омор дар вилояти Хатлон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи муҳосибӣ ва омории корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, инчунин маводи нашршудаи ташкилотҳои байналмилалӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, маводи конференсияҳои илмӣ ва манбаъҳои дигари иттилоотӣ ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ аз маълумоти ҳисоботии як қатор корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон истифода гардида, натиҷаҳои таҳлил, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар асоси коркарди маълумоти воқеии фаъолияти онҳо таҳия шудаанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия аз мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф, натиҷаҳои таҳлилҳои муқоисавӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ низ истифода шудааст.

Пойгоҳи таҳқиқот. Рисола дар солҳои 2023-2026 дар шуъбаи равандҳои кластерикунони дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз асоснок намудани муқаррароти назариявӣ ва методии мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ

дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси истифодаи равиши экосистемавӣ бо таваҷҷуҳ ба коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, иборат мебошад.

Унсурҳои асосии навгонии илмӣ, ки хусусияти махсусан муҳим доранд, аз инҳо иборатанд.

– равиши назариявию методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ такмил дода шудааст, ки фарқияти он дар ба ҳам пайвастани хусусиятҳои соҳавӣ, омилҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва рақамӣ бо принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ифода меёбад.

– модели интегралии иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия шудааст, ки фарқияти он дар арзёбии ҳамзамони омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ - рақамикунонӣ, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият, мониторинги хароҷот ва ҳисоботи идоракунӣ - бо омилҳои экосистемавӣ, аз ҷумла ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш, суръати мубодилаи иттилоот ва устувории занҷираи арзиш мебошад.

– механизми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш пешниҳод шудааст, ки фарқияти он дар фарогирии тамоми раванди ташаккули арзиш - аз таъминоти захираҳо ва истеҳсолот то коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр - ва пайвастани масъулият, хароҷот, натиҷа ва иттилооти идоракунӣ дар муҳити ягонаи экосистемаи аграрӣ мебошад.

– модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ ва харитаи роҳи татбиқи марҳилавии он таҳия шудааст, ки фарқияти он дар ҳамгиро намудани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ, буҷетӣ ва идоракунӣ дар муҳити ягонаи иттилоотӣ ва таъмин намудани мубодилаи маълумот байни корхона ва дигар иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ ифода меёбад.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва рақамии экосистемаи аграрӣ амалӣ гардида, ҳамчун низоми таъминоти иттилоотию таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ ташаккул дода шавад.

2. Дар асоси арзёбии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мушкилоти асосии низоми амалкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ муайян гардида, зарурати такмили баҳисобгирии хароҷот, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият ва ҳисоботи дохилии идоракунӣ асоснок карда шудааст.

3. Модели иқтисодию риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия гардидааст, ки таъсири маҷмуии омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ ва омилҳои экосистемавиро ба назар гирифта, имкони моделсозии сенарияҳои гуногуни фаъолияти корхонаро фароҳам меорад.

4. Механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва технологияҳои рақамӣ пешниҳод гардида, харитаи роҳи марҳилавии татбиқи он дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар рушди фаҳмиши илмии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ дар заминаи ташаккули экосистемаи кишоварзӣ мебошад. Таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методологии татбиқи равиши экосистемаро равшан мекунад. Нақши марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш дар дастгирии иттилоотии идоракунӣ ошкор карда мешавад. Аҳаммияти технологияҳои рақамӣ барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳоро метавон дар таҳқиқоти минбаъда оид ба баҳисобгирӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар татбиқи тавсияҳои таҳияшуда дар корхонаҳои агросаноатӣ мебошад. Пешниҳодҳо барои беҳтар кардани системаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ташкили марказҳои масъулият пешбинӣ шудаанд. Онҳоро метавон дар таҳияи гузоришҳои дохилии идоракунӣ ва рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ истифода бурд. Татбиқи онҳо идоракунии хароҷотро беҳтар мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои агросаноатӣ метавонанд истифода баранд. Баъзе тавсияҳо барои мақомоти давлатӣ ҷолибанд. Маводҳои таҳқиқотро муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд истифода баранд. Онҳо барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ва васоити таълимӣ оид ба баҳисобгирӣ ва аудит мувофиқанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифода аз равишҳои муосири илмӣ таъмин карда мешавад. Таҳқиқот ба принсипҳои назарияи иқтисодӣ, баҳисобгирӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ асос ёфтааст. Дар кор усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ истифода шудаанд. Ҳисобҳо бо истифода аз моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ анҷом дода шудаанд. Хулосаҳои таҳияшуда бо ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд.

Хулосаю пешниҳодҳои тадқиқотӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ омода карда шудаанд. Маълумоти расмии мақомоти давлатӣ истифода шудаанд. Асоси амалиро ҳисоботҳои молиявӣ ва маълумоти воқеӣ дар бораи фаъолияти корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон ташкил доданд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо муҳокимаи онҳо дар конфронсҳои илмӣ ва амалии миллӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда шуд. Муқаррароти асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби ҳамсолон баррасишаванда нашр шудаанд. Тавсияҳои муайян дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии

муҳосибӣ ва аудит) мутобиқат менамоянд. Аз ҷумла, таҳқиқот ба бандҳои 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.8. Вижагии ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани дараҷаи илмӣ. Муаллиф самти тадқиқотро муайян карда, ҳадаф ва вазифаҳои онро таҳия кардааст. Номзад вазъи баҳисобгирии идоракуниро дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон омӯхта, натиҷаҳоро ҷамъбаст кардааст. Дар асоси таҳлил, модели муттаҳид барои арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия шудааст. Механизми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки марказҳои масъулият ва пайвандҳои занҷираи арзишро муттаҳид мекунад, пешниҳод карда шуд. Муаллиф инчунин модели рақамии баҳисобгирии идоракуниро таҳия карда, марҳилаҳои татбиқи онро дар корхонаҳо муайян кардааст.

Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот. Муқаррароти асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ ва амалии миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шуданд.

Тавсияҳои назариявию методӣ диссертатсия дар рафти таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе (санади № 40 аз 18.02.2026), Коллеҷи махсусгардонидашудаи ш. Бохтар (санади татби №4, 12/2 аз 28.01.2026) ва тавсияҳои амалии муайян дар фаъолияти сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон (санади татбиқ № 01/211 аз 07 августи соли 2026) истифода карда шуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот 12 мақолаи илмӣ нашр шуданд. Аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд. Ҳаҷми умумии маводи нашршуда зиёда аз 5,6 ҷузъи чопӣ мебошад. Нашрияҳо натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисоларо инъикос мекунанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосӣ дар 198 саҳифа пешниҳод шудааст. Асар аз 22 ҷадвал ва 30 расм иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 196 унвонро дар бар мегирад.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, объекту предмет, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд. Хулосаҳо ва натоиҷи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда низ оварда шудаанд, ки ба таври муфассал дар диссертатсия инъикос гардидаанд.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявӣ ва методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ» – мазмуни комплекси агросаноатӣ таҳқиқ гардидааст. Сохтори он шарҳ дода шуда, мавқеи комплекс дар экосистемаи аграрӣ муайян карда шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба баррасии комплекси агросаноатӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии идоракунӣ равона гардидааст.

Комплекси агросаноатӣ дар иқтисоди миллӣ мавқеи махсус дорад. Он истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди саноатиро муттаҳид менамояд. Ба таркиби он ташкилотҳои нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот низ дохил мешаванд. Фаъолияти субъектҳои мазкур ба робитаҳои устувори истеҳсолӣ асос меёбад.

Дар адабиёти илмӣ мазмуни комплекси агросаноатӣ аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Б. Воронин ва ҳаммуаллифони ӯ чунин мешуморанд, ки «комплекси агросаноатӣ маҷмуи соҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бо ҳам алоқаманд мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди саноатӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши он, инчунин бо воситаҳои истеҳсолот таъмин намудани кишоварзӣ ва саноати коркард тахассус доранд» [5, С. 56]. Дар ин таъриф таркиби соҳавии комплекс инъикос ёфтааст. Он ҳамчунин пайдарҳамии ҳаракати маҳсулотро нишон медиҳад. Ҳалқаи ибтидоӣ таъмини истеҳсолот бо захираҳо мебошад. Баъдан ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол мегардад. Марҳалаҳои минбаъда коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёрро фаро мегиранд.

Ю. Северина ва А. Улетско комплекси агросаноатиро ҳамчун объекти махсуси идоракунӣ баррасӣ мекунанд. Ба андешаи онҳо, «комплекси агроозуқаворӣ шакли классикии тақсимоти ҳудудӣ ва соҳавии меҳнат буда, робитаи байни намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодиро таъмин менамояд» [35, С. 54]. Ин мавқеъ имкон медиҳад, ки якчанд сатҳи идоракунии комплекс ҷудо карда шаванд. Дар сатҳи миллӣ сиёсати давлатии аграрӣ ва қоидаҳои умумии танзим муайян мегарданд. Сатҳи минтақавӣ ҳамкории соҳаҳо ва ҳудудҳоро фаро мегирад. Қарорҳои истеҳсолӣ дар сатҳи корхона қабул шуда, баҳисобгирии амалиёти хоҷагидорӣ низ дар ҳамин сатҳ ташкил карда мешавад.

Комплекси агросаноатӣ дорои сохтори дохилӣ мебошад. Ин сохтор дар атрофи соҳаи кишоварзӣ ташаккул меёбад. Корхонаҳои коркард ва ташкилотҳои хизматрасон бо он робитаи мустақим доранд. Б. Воронин ва ҳаммуаллифони ӯ қайд мекунанд, ки «комплекси агросаноатиро бояд ҳамчун иттиҳоди соҳаҳо ва корхонаҳои дар атрофи кишоварзӣ муттаҳидшуда баррасӣ намуд, ки ташкилотҳои хизматрасонии технологӣ ва техникиро низ фаро мегирад» [5, С. 56]. Муқаррароти мазкур барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аҳаммият дорад. Фаъолияти корхонаи алоҳида объекти он ба ҳисоб меравад. Дар айни замон робита бо таъминкунандагон ва корхонаҳои коркард низ ба инобат гирифта мешавад. Ҳаракати маҳсулот то истеъмолкунандаи ниҳоӣ низ аз доираи баҳисобгирӣ берун наемонад.

Натоиҷи фаъолияти як иштирокчӣ аз фаъолияти субъектҳои дигар вобаста мебошад. Дер расидани захираҳо ба муҳлати истеҳсол таъсир мерасонад. Талафоти ашёи хом хароҷоти корхонаи коркардро зиёд мекунад. Риоя нагардидани талаботи нигоҳдорӣ ҳаҷми маҳсулоти барои фурӯш мувофиқро кам менамояд. Аз ин рӯ, иттилоот бояд тамоми занҷираи ташаккули арзишро фаро гирад.

Нақши иқтисодии комплекси агросаноатӣ бо таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ алоқаманд аст. М.В. Масалева қайд менамояд, ки «комплекси агросаноатӣ қисми муҳими иқтисодиёти ҳар як давлати пешрафта буда, аҳолиро бо маҳсулоти хӯрокворӣ таъмин мекунад ва амнияти озуқавории кишварро ташаккул медиҳад» [26, С. 331].

Рушди комплекс ба вазъи минтақаҳои деҳот таъсир мерасонад. Дар ташкилотҳои он ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбанд. Талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва анборӣ меафзояд. Истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ барои фаъолияти мунтазами корхонаҳои коркард замина фароҳам меорад.

Дар диссертатсия мафҳумҳои комплекси агросаноатӣ ва экосистемаи аграрӣ аз ҳам ҷудо карда шудаанд. Комплекси агросаноатӣ таркиби соҳавии истеҳсолотро инъикос менамояд. Экосистемаи аграрӣ мазмуни васеътар дошта, ташкилотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонро фаро мегирад. Сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ низ ба таркиби он дохил мешаванд.

Дар экосистемаи аграрӣ бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолият мекунанд. Муассисаҳои таълимӣ ва платформаҳои рақамӣ низ иштирокчиёни он мебошанд. Ин субъектҳо на ҳамеша бевосита маҳсулот истеҳсол мекунанд. Аммо маблағгузорӣ, таъмини кадрӣ ва ҳаракати иттилоот аз фаъолияти онҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, комплекси агросаноатӣ қисми истеҳсолию иқтисодии экосистемаи аграриро ташкил медиҳад. Занҷираи арзиш ҳалқаҳои асосии онро бо ҳам мепайвандад. Ҳамгироӣ хусусияти муносибатҳои байни иштирокчиёнро муайян мекунад. Кластер ва кооператив ҳамчун шаклҳои ташкилии чунин ҳамкорӣ баромад мекунанд.

Т.Ю. Серебрякова менависад, ки «робитаҳои дохилии комплекси агросаноатӣ дар занҷираи “таъминоти моддию техникӣ – истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ – коркард – фурӯш” ташаккул меёбанд, ки зарурати муносибати комплексиро ба банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорат муайян менамояд» [36, С. 2349].

Пайдарҳамии мазкур раванди ташаккули арзишро нишон медиҳад. Дар ҳар як марҳала захираҳо истифода мешаванд. Хароҷот ва хавфҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд. Натоиҷи бадастомада ба иштирокчии навбатӣ интиқол дода мешаванд. Аз ин рӯ, баҳисобгирии идоракунӣ бояд хароҷотро аз рӯйи марҳалаҳои ҳаракати маҳсулот инъикос намояд. Дар ин раванд робитаҳои амудӣ аҳаммияти махсус доранд.

Робитаҳои амудӣ истеҳсоли ашёи хомро бо коркарди он мепайванданд. Робитаҳои уфуқӣ байни хоҷагиҳои як сатҳ ба вуҷуд меоянд. Чунин робитаҳо ҳангоми хариди якҷояи захираҳо ва фурӯши маҳсулот истифода мешаванд.

Вайрон гардидани робитаҳои мазкур устувории тамоми комплексро коҳиш медиҳад. Чунончи, «дар натиҷаи аз байн рафтани сохтори ягонаи комплекси агросаноатӣ ва занҷираҳои технологӣ робитаҳои байни субъектҳо халалдор гардида, ташкилотҳои алоҳида ҳамкории худро байни ҳам ва бо истеъмолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ аз даст доданд» [25, С.141].

Бартараф намудани парокандагӣ мувофиқсозии манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёнро талаб мекунад. Барои ин маълумоти муқоисашаванда оид ба хароҷот ва натиҷаи фаъолият зарур аст. Баҳисобгирии идоракунӣ чунин иттилоотро омода менамояд. Тавассути он инҳирофҳо муайян гардида, маҳалли ба вуҷуд омадани талафот ошкор карда мешавад.

Дар дохили корхона иттилооти идоракунӣ аз рӯйи воҳидҳои сохторӣ ташаккул меёбад. Дар хоҷагии кишоварзӣ бригадаҳо ва қитъаҳои истеҳсолӣ метавонанд чунин воҳидҳо бошанд. Дар корхонаи коркард баҳисобгирӣ аз рӯйи сеҳҳо ташкил карда мешавад. Барои воҳидҳои хизматрасон нишондиҳандаҳои алоҳидаи хароҷот муқаррар мегарданд.

З.Т. Набиева қайд менамояд, ки «азнавсозии корхонаҳо ва ташкили марказҳои хароҷот ва марказҳои масъулият имкон медиҳанд, ки назорати мунтазами истифодаи захираҳо ва идоракунии равандҳои истеҳсолу фурӯши маҳсулот таъмин карда шавад» [28, С.72].

Дар таҳқиқот табиати бисёрсатҳаи комплекси агросаноатӣ қайд гардидааст. Ин хусусият тартиби махсуси пешбурди баҳисобгирии идоракуниро дар ҳар як сатҳ тақозо менамояд (расми 1).

Тавре аз расми 1 бармеояд, ҳар як сатҳ тавассути унсурҳои муайян бо субъектҳои сатҳҳои дигар робита дорад. Аз ин рӯ, пешбурди ягона ва унификатсияшудаи баҳисобгирии идоракунӣ зарур мегардад. Чунин зарурат такмили робитаҳои байнисубъектиро тақвият дода, баланд бардоштани самаранокии таъминоти иттилоотии ҳамкории субъектҳои сатҳҳои гуногунро ба яке аз вазифаҳои муҳим табдил медиҳад.

Дар диссертатсия таъсири хусусиёти соҳавии комплекси агросаноатӣ ба самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шудааст. Ин хусусиёт ба тарзи гурӯҳбандии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслӣ низ таъсир мерасонанд.

Хусусияти аввал мавсимияти истеҳсолот мебошад. Дар растанипарварӣ хароҷот дар давоми якчанд моҳ ба вуҷуд меояд. Маҳсулоти тайёр баъд аз анҷоми давраи кишоварзӣ ба даст оварда мешавад. Аз ин сабаб, давраи анҷом додани хароҷот аксар вақт бо давраи гирифтани даромад мувофиқат намекунад.

К.Х. Барфиев ва ҳаммуаллифони ӯ менависанд, ки «раванди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ хусусияти давомнок дошта, ба растанипарварӣ ва чорводорӣ хос мебошад. Хароҷоти соли ҷорӣ метавонад бо гирифтани маҳсулот дар давраҳои минбаъдаи мавсимӣ алоқаманд бошад» [44, С. 244].

Дар баҳисобгирӣ хароҷоти солҳои гузашта ва ҷорӣ бояд аз ҳам ҷудо карда шаванд. Хароҷоти давраҳои гузашта метавонад ба ҳосили соли ҷорӣ тааллуқ дошта бошад. Қисме аз хароҷоти ҷорӣ бо ҳосили солҳои минбаъда алоқаманд аст. Хароҷоти давраҳои оянда низ алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.



Расми 1. Табиати бисёрсатҳа ва ҳамгироишудаи комплекси агросаноатӣ дар низоми робитаҳои иқтисодӣ (таҳияи муаллиф)

Мавсимият ба ҳаракати воситаҳои пулӣ таъсир мерасонад. Ҳаҷми бештари хароҷот дар давраи омода намудани замин ва кишт ба вуҷуд меояд. Даромад аз фурӯш баъд аз ҷамъоварии ҳосил ворид мегардад. Байни ин марҳалаҳо фосилаи муайяни вақт ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, буҷети даромад ва хароҷот бояд аз рӯйи давраҳои истеҳсолӣ тартиб дода шавад.

Хусусияти дуюм давомнокии давраи истеҳсолӣ мебошад. То анҷом ёфтани корҳо хароҷот ҳамчун истеҳсолоти нотамом ба ҳисоб гирифта мешавад. Э.Е. Тихонов ва Н.П. Магомедова қайд мекунанд, ки «то анҷом ёфтани фармоиш тамоми хароҷоти бо он алоқаманд ҳамчун истеҳсолоти нотамом баррасӣ карда мешавад» [41, С. 50].

Баҳодиҳии боэътимоди истеҳсолоти нотамом аҳаммияти амалӣ дорад. Кам нишон додани арзиши он боиси зиёд гардидани хароҷоти давраи ҳисоботӣ мешавад. Баланд нишон додани арзиш натиҷаи молиявиро ба таври сунъӣ зиёд мекунад. Бинобар ин, корхона бояд тартиби ҷамъоварии хароҷотро аз рӯйи давраҳои истеҳсолӣ муқаррар намояд.

Хусусияти сеюм бо табиати биологии истеҳсолот алоқаманд аст. Растаниҳо ва ҳайвонот дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ тағйир меёбанд. Ин тағйирот хусусияти миқдорӣ ва сифатӣ доранд. Онҳо ба арзиши дороиҳои биологӣ ва маҳсулоти бадастомада таъсир мерасонанд.

Н.М. Семба таъкид менамояд, ки «растаниҳо ва ҳайвонот ба биотрансформатсия дучор мешаванд, ки равандҳои рушд, таназзул, истеҳсол ва такрористеҳсолро фаро мегирад ва дар натиҷаи онҳо тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ ба амал меоянд» [47, С. 197].

Равандҳои биологӣ на ҳамеша бо давраҳои тақвимии ҳисоботӣ мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, дар баҳисобгирии идоракунӣ пешбурди маълумоти иловагии таҳлилӣ зарур мебошад. Чунин маълумот аз рӯйи намудҳои зироат ва гурӯҳҳои ҳайвонот ташаккул меёбад. Марҳалаҳои рушд ва ҷойи нигоҳдории онҳо низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Истеҳсолот аз шароити табиӣ вобаста аст. Ҳолати замин ба ҳосилнокӣ таъсир мерасонад. Таъминот бо об ҳаҷми майдони киштро муайян мекунад. Тағйирёбии обу ҳаво ба муҳлати иҷрои корҳо таъсир мегузорад. Ин ҳолатҳо хавфи аз буҷет дур шудани нишондиҳандаҳои воқеиро зиёд менамоянд.

М.Т. Лукянова ва В.Ш. Топонова қайд мекунанд, ки «ҳосилнокӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини сифати фаъолияти истеҳсолӣ мебошад. Ба он муҳити зист, иқлим, технологияи парвариш ва истифодаи нуриҳо таъсир мерасонанд» [24, С. 197].

Барои баҳисобгирии идоракунӣ ин ҳолат зарурати муқоисаи нишондиҳандаҳои пулӣ ва натуралиро ба миён меорад. Маблағи хароҷот дар алоҳидагӣ натиҷаи истеҳсолотро пурра нишон намедиҳад. Он бояд бо майдони кишт ва ҳосилнокӣ муқоиса карда шавад. Дар чорводорӣ нишондиҳандаҳои саршумор ва маҳсулнокӣ истифода мегарданд.

Хавфҳои истеҳсолӣ ва бозорӣ низ ба мазмуни баҳисобгирӣ таъсир мерасонанд. Ба гурӯҳи аввал хушксолӣ ва норасоии об дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм тағйирёбии нарх ва коҳиши талаботро фаро мегирад. Ҳангоми

таҳияи буҷет эҳтимоли ба вуҷуд омадани чунин инҳирофҳо бояд ба инобат гирифта шавад.

А.А. Кемпф қайд менамояд, ки «хусусияти бисёрсолаи парвариши зироатҳои алоҳида, мавсимияти истеҳсолот, истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот ва мавҷудияти истеҳсолоти нотамом хусусиёти раванди калкулятсияро муайян мекунанд» [15, С.77].

Сохтори хароҷот аз самти фаъолияти корхона вобаста мебошад. Дар растанипарварӣ қисми назарраси хароҷотро тухмӣ ва нуриҳо ташкил медиҳанд. Хароҷоти обёрӣ низ мавқеи муҳим дорад. Дар чорводорӣ хароҷоти хӯрока ва нигоҳубини саршумор бартарӣ дорад.

Дар корхонаҳои коркард сохтори дигари хароҷот ташаккул меёбад. Дар ин корхонаҳо арзиши ашёи хом ва хароҷоти коркарди он ба ҳисоб гирифта мешаванд. Талафоти ҳангоми нигоҳдорӣ алоҳида инъикос меёбад. Хароҷоти бастабандӣ ва расонидани маҳсулот низ ба ҳисоб ворид карда мешавад.

Дар истеҳсолоти агросаноатӣ маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ ба даст оварда мешавад. Дар баъзе намудҳои истеҳсолот маҳсулоти муштарак низ пайдо мегардад. Бинобар ин, хароҷоти умумӣ бояд байни якчанд объекти калкулятсия тақсим карда шавад.

Интихоби нодурусти заминаи тақсимоти хароҷоти ғайримустақим арзиши аслиро таҳриф мекунад. Ба як намуди маҳсулот метавонад маблағи зиёдатии хароҷот мансуб карда шавад. Дар намуди дигари маҳсулот арзиши аслӣ кам нишон дода мешавад. Ин ҳолат ба нархгузорӣ ва баҳодиҳии даромаднокӣ таъсир мерасонад.

Е.Л. Путникова ва К.Н. Пилипчук қайд мекунанд, ки «ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва интихоби усулҳои калкулятсияи арзиши аслӣ аз соҳа, намуди истеҳсолот, тарзи ташкили раванди технологӣ ва таркиби маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста мебошад» [31, С. 10].

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ моддаҳои баҳисобгирии хароҷот бо марҳалаҳои раванди технологӣ алоқаманд мебошанд. Аввал хароҷоти омода намудани замин ва кишт ба ҳисоб гирифта мешавад. Баъдан хароҷоти нигоҳубини зироат инъикос мегардад. Марҳалаи хотимавӣ ба ҷамъоварии ҳосил вобаста аст.

Дар чорводорӣ фаъолияти истеҳсолӣ хусусияти нисбатан муттасил дорад. Ғизодиҳӣ ва нигоҳубини ҳайвонот мунтазам анҷом дода мешаванд ва онҳоро ба даврaҳои кӯтоҳ ҷудо кардан душвор аст. Д.С. Дмитриева ва Н.Н. Костова қайд мекунанд, ки «дар чорводорӣ давраи истеҳсолӣ метавонад якчанд сол идома ёбад, ки баҳисобгирӣ ва назорати дарозмуддати хароҷотро талаб мекунад» [10, С. 94].

Хусусиёти муайяншуда принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракуниро муқаррар менамоянд (расми 2).

Барои корхонаҳои комплекси агросаноатӣ муаллиф ин муқарраротро бо принсипҳои назоратшавандагӣ ва таҳлилпазирӣ пурра менамояд. Принсипи назоратшавандагӣ вобаста намудани нишондиҳандаҳоро ба воҳидҳои масъул талаб мекунад. Таҳлилпазирӣ барои муайян намудани инҳирофҳо шароит

фароҳам меорад. Принсипи ҳамгироӣ баҳисобгириро бо банақшагирӣ ва назорати дохилӣ мепайвандад.

Қисми минбаъдаи таҳқиқот ба объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ бахшида шудааст. Ба онҳо намудҳои маҳсулот ва равандҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд. Захираҳо ва харочот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Иттилооти таҳлилӣ аз рӯйи воҳидҳои сохторӣ ташаккул меёбад.

М.Ш. Мирзозода ва Д.Б. Расулзода менависанд, ки «тақсим намудани харочот аз рӯйи намудҳои корҳои иҷрошуда имкон медиҳад, ки арзиши воқеии маҳсулоти растанипарварӣ муайян гардида, ташаккули харочот дар ҳар як марҳалаи технологӣ назорат карда шавад» [27, С.350].



Расми 2. Принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои КАС (таҳияи муаллиф)

Майдонҳо ва фермаҳо метавонанд ҳамчун марказҳои харочот муайян карда шаванд. Сеҳҳо ва воҳидҳои таъмирӣ низ ба чунин марказҳо дохил мешаванд. Анборҳо метавонанд марказҳои мустақили харочот бошанд. Барои ҳар як марказ буҷети алоҳида тасдиқ карда мешавад.

Маркази масъулият мазмуни васеътар дорад. Роҳбари он барои иҷрои нишондиҳандаҳои муқарраршуда масъул мебошад. Марказҳои масъулият ба марказҳои харочот ва даромад ҷудо мешаванд. Дар корхонаҳои калон марказҳои фоида ва сармоягузорӣ низ таъсис дода мешаванд. Маркази харочот риояи буҷети муқарраршударо назорат мекунад. Маркази даромад барои ҳаҷми фурӯш масъул аст. Маркази фоида даромад ва харочоти воҳиди худро назорат менамояд. Фаъолияти маркази сармоягузорӣ аз рӯйи самаранокии истифодаи дороиҳо арзёбӣ мегардад.

Таъсиси марказҳои масъулият тақсимоти дақиқи ваколатҳоро талаб мекунад. Барои ҳар як нишондиҳанда шахси мансабдори мушаххас масъул таъин карда мешавад. Ба воҳид супориши нақшавӣ дода мешавад. Сипас натоиҷи фаъолияти он дар ҳисоботи дохилӣ инъикос меёбанд. Ҳисоботи идоракунӣ бояд роҳбарро бо иттилооти фаврӣ таъмин намояд. Е.И.

Костюкова ва ҳаммуаллифонаш баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун «пойгоҳи асосии иттилоотӣ барои қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ» арзёбӣ мекунанд [19, С. 25].

Дар таҳқиқот пайдарҳамии гардиши иттилооти идоракунӣ пешниҳод шудааст, ки дар расми 3 инъикос меёбад.



Расми 3. - Алгоритми қабули қарор дар марказҳои баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ (таҳияи муаллиф)

Расми 3 робитаи объектҳои баҳисобгириро бо марказҳои масъулият нишон медиҳад. Иттилооти истеҳсолӣ аз якчанд марҳалаи коркард мегузарад. Дар натиҷа нишондиҳандаҳои зарурӣ барои роҳбарият ташаккул меёбанд. Онҳо асоси қабули қарорҳоро ташкил медиҳанд. Алгоритми пешниҳодшуда алоқаи баръаксро таъмин менамояд. Натоиҷи қарор ба низоми баҳисобгирӣ баргардонида мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки оқибатҳои қарор арзёбӣ гарданд. Дар ҳолати зарурат буҷет ва нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ислоҳ карда мешаванд.

Баҳисобгирии идоракунӣ ба механизми дохилии идоракунӣ табдил меёбад. Он назорати хароҷотро таъмин менамояд. Тавассути он натоиҷи фаъолияти воҳидҳо арзёбӣ карда мешаванд. Дар ин замина захираҳои баланд бардоштани самаранокӣ муайян мегарданд.

Бахши хотимавии боби якум ба таҷрибаи хориҷии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бахшида шудааст. Омӯзиши он тағйир ёфтани таъиноти иттилооти дохилиро нишон медиҳад. Қаблан иттилооти мазкур асосан барои муайян намудани арзиши аслӣ истифода мешуд. Ҳоло дар асоси он тамоми занҷираи ташаккули арзиш арзёбӣ мегардад.

Васеъ гардидани вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба мураккаб шудани истеҳсолоти агросаноатӣ вобаста аст. Корхонаҳо бо таъминкунандагон ва коркардкунандагон ҳамкорӣ мекунанд. Ташкилотҳои нақлиётӣ ва савдо низ ба ин раванд таъсири назаррас мерасонанд. Барои ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо муҳити ягонаи иттилоотӣ зарур мебошад.

О. Тимченко ва В. Сотник қайд мекунанд, ки «ташаккули экосистемаи рақамии идоракунии корхонаҳои аграрӣ ба ҳамгироии равандҳои истеҳсолӣ, иттилоотӣ ва идоракунӣ асос ёфта, ба баланд гардидани самаранокии қабули қарорҳо дар тамоми занҷираи ташаккули арзиш мусоидат менамояд» [59, С. 48].

Дар таҷрибаи хориҷӣ баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи якчанд самт рушд мекунад. Самти аввал ба марказҳои масъулият вобаста аст. Самти дуюм идоракунии занҷираи ташаккули арзишро фаро мегирад. Низомҳои рақамии баҳисобгирӣ самти алоҳидаро ташкил медиҳанд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият васеъ истифода мешавад. Воҳидҳои сохторӣ ҳамчун марказҳои хароҷот ё даромад баррасӣ мегарданд. Воҳидҳои калони истеҳсолӣ метавонанд вазифаи маркази фоидаро иҷро намоянд. Марказҳои сармоягузорӣ барои истифодаи сармоя масъул мебошанд. Барои ҳар як марказ маҷмуи муайяни нишондиҳандаҳо муқаррар карда мешавад. Нишондиҳандаҳои воқеӣ бо буҷет муқоиса мегарданд. Роҳбари воҳид барои нишондиҳандаҳое ҷавобгар аст, ки ба доираи ваколатҳои ӯ дохил мешаванд. Ин тартиб имкон медиҳад, ки таъсири ҳар як воҳид ба натиҷаи умумии корхона муайян карда шавад.

Таҷрибаи Амрико ба ҳамгироии амудӣ низ асос меёбад. Ин шакли ҳамгироӣ дар парандапарварӣ ва чорводорӣ рушд кардааст. Ширкатҳои калон истеҳсоли ашёи хомро бо коркарди он муттаҳид менамоянд.

Нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот низ ба низоми ягона ворид карда мешаванд. Ҳамгироии амудӣ назорати ҳаракати хароҷотро тақвият медиҳад. Иттилоот аз рӯйи ҳар як марҳала ҷамъоварӣ мегардад. Роҳбарият саҳми ҳар як ҳалқаро арзёбӣ мекунад. Эҳтимоли ба воҳиди дигар вогузор кардани масъулият коҳиш меёбад.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба низоми ягонаи иттилооти аграрӣ аҳаммияти хос дода мешавад. Бо ин мақсад Шабакаи маълумоти баҳисобгирии хоҷагиҳои кишоварзӣ - FADN истифода мегардад. Он маълумоти фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзиро муттаҳид менамояд.

Таҷрибаи хориҷӣ рушди кооператсияи кишоварзиро нишон медиҳад. Ин шакли ҳамкорӣ дар Нидерланд ва Дания васеъ паҳн шудааст. Истеҳсолкунандагон нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулотро якҷоя ташкил мекунанд. Кооперативҳо фурӯши маҳсулотро низ таъмин менамоянд. Дар шароити кооператсия зарурати ҷудо кардани натиҷаи умумӣ аз натиҷаи инфиродӣ ба миён меояд. Баҳисобгирии идоракунӣ хароҷоти фаъолияти муштаракро инъикос менамояд. Сипас ҳиссаи ҳар як иштирокчӣ муайян карда мешавад. Фаъолияти худи кооператив ба таври алоҳида арзёбӣ мегардад. Н. Жахов ва ҳаммуаллифонаш қайд мекунанд, ки «кооператсия дар шароити рақамикунонӣ ба воситаи муттаҳидсозии захираҳо ва баланд бардоштани устувории фаъолияти аграрӣ табдил меёбад» [60, С. 2362].

Дар Италия ва Олмон кластерҳои аграрӣ рушд мекунанд. Ба таркиби онҳо корхонаҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд. Муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ бо ин корхонаҳо ҳамкорӣ мекунанд. Ташкилотҳои инфрасохторӣ вазифаҳои алоҳидаро иҷро менамоянд. Дар низоми кластерӣ иттилоот барои ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои умумӣ истифода мешавад. Он имкон медиҳад, ки хароҷоти ҳар як иштирокчӣ арзёбӣ гардад. Натоиҷи фаъолияти муштарак низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин замина самаранокии ҳамкории кластерӣ муайян мегардад.

Дар таҷрибаи хориҷӣ усулҳои муосири идоракунии хароҷот низ истифода мешаванд. Ба онҳо баҳисобгирӣ дар занҷираи арзиш (Value Chain Accounting) ва калькулятсия аз рӯйи фаъолият (ABC-costing) дохил мешаванд. Калькулятсияи мақсаднок (Target Costing) ва ҳисоби хароҷоти давраи ҳаёт (Life Cycle Costing) низ татбиқ мегарданд. Барои арзёбии натоиҷ низоми нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ - KPI истифода мешавад.

Натоиҷи омӯзиши муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1 – Таҷрибаи хориҷии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи аграрӣ

Кишвар ё гурӯҳи кишварҳо	Мазмуни таҷриба	Натиҷаи асосӣ	Имкони татбиқ дар Тоҷикистон
ИМА	Марказҳои харочот, даромад, фоида ва сармоягузорӣ	Ҷудо намудани ваколат ва масъулияти воҳидҳо	Марҳала ба марҳала таъсис додани марказҳои харочот ва фоида
ИМА	Ҳамгироии амудии истеҳсолот ва коркард	Назорати ҳаракати маҳсулот дар тамоми занҷираи арзиш	Муттаҳид намудани маълумоти баҳисобгирии истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагон
Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо	Шабакаи FADN ва пойгоҳи ягонаи нишондиҳандаҳои иқтисодии хоҷагиҳо	Муқоисаи харочот ва даромаднокӣ	Ташкили пойгоҳи иттилоотии соҳавӣ
Нидерланд, Олмон ва Дания	Низомҳои ERP ва мониторинги рақамӣ	Дастрас намудани иттилоот дар вақти воқеӣ	Ҷорӣ намудани модулҳои рақамии дастрас
Нидерланд, Дания ва Фаронса	Кооператсияи кишоварзӣ	Истифодаи муштараки захираҳо ва роҳҳои фурӯш	Ташкили ҳисоботи идоракунии кооперативҳо
Италия ва Олмон	Кластерҳои аграрӣ	Мубодилаи иттилоот ва ҷорӣ намудани технологияҳо	Татбиқи лоиҳаҳои озмоишии минтақавӣ
Нидерланд, ИМА ва Канада	Низомҳои ERP, CRM ва SCM дар занҷираи арзиш	Назорати таъминот ва коҳиш додани харочоти логистикӣ	Ҳамгироии баҳисобгирии истеҳсолӣ ва анборӣ

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки панҷ усули баҳисобгирии идоракунӣ ҷудо карда шавад. Ҳар яке аз онҳо вазифаи мустақилро ҳал мекунад. Интихоби усул ба сохтори корхона вобаста аст.

Усули Value Chain Accounting барои таҳлили занҷираи ташаккули арзиш истифода мешавад. Харочот аз лаҳзаи хариди захираҳо таҳқиқ мегардад. Таҳлил то марҳалаи фурӯши маҳсулоти тайёр идома меёбад. Ин имкон медиҳад, ки қисматҳои ташаккули арзиши иловашуда муайян карда шаванд. И.Г. Ушачёв ва ҳаммуаллифонаш қайд мекунанд, ки «экосистемаи агросаноатӣ робитаҳои устувори иқтисодӣ ва институтсионалиро фаро мегирад, ки ба иштирокчиёни занҷираи арзиш имкони амал карданро дар асоси манфиатҳои умумӣ фароҳам меоранд» [42, С.20–29].

Дар доираи баҳисобгирии занҷираи арзиш амалиёти дохилӣ ва берунӣ баррасӣ мешаванд. Амалиёти дохилӣ дар ҳудуди корхона анҷом меёбанд.

Амалиёти берунӣ ҳангоми ҳамкории корхона бо иштирокчиёни дигар ба вуҷуд меоянд. Хароҷот ва натоиҷ аз рӯйи ҳар як ҳалқа муқоиса карда мешаванд.

Усули ABC-costing ба баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи намудҳои фаъолият асос меёбад. Аввал хароҷот ба равандҳои иҷрошаванда мансуб дониста мешавад. Сипас он байни намудҳои маҳсулот тақсим мегардад. Ба сифати замина авомили пайдоиши хароҷот истифода мешаванд. Ж.В. Дегальцева ва А.А. Плужная чунин мешуморанд, ки «такмили модели баҳисобгирии хароҷот дар сохторҳои аграрӣ бояд тақсимоти дақиқ ва асосноки хароҷотро байни объектҳои баҳисобгирӣ ва идоракунӣ таъмин намояд» [9, С. 349].

ABC-costing метавонад барои тақсими хароҷоти воҳидҳои таъмирӣ истифода шавад. Он барои баҳисобгирии хароҷоти нақлиётӣ ва анборӣ низ мувофиқ мебошад. Ин усул барои корхонаҳои бисёрсоҳа аҳаммияти бештар дорад. Татбиқи он мавҷудияти иттилооти боэътимодро оид ба амалиёт талаб мекунад.

Target Costing аз муайян намудани нархи бозорӣ оғоз меёбад. Фоидаи банақшагирифташуда аз ин нарх тарҳ карда мешавад. Маблағи боқимонда ҳамчун арзиши аслии мақсаднок эътироф мегардад. Сипас корхона имкони истеҳсоли маҳсулотро дар доираи маблағи муқарраршудаи хароҷот ҷустуҷӯ мекунад. Ин усул барои корхонаҳои коркард аҳаммияти хос дорад. Нархи маҳсулоти онҳо аз вазъи бозор вобаста мебошад. Корхона на ҳамеша метавонад афзоиши хароҷотро ба зиммаи харидор гузорад. Аз ин рӯ, назорати арзиши аслӣ пеш аз оғози истеҳсолот шуруъ мегардад.

Life Cycle Costing баҳисобгирии хароҷотро дар тамоми давраи ҳаёти маҳсулот пешбинӣ менамояд. Ба ҳисоб хароҷоти таҳия ва истеҳсол дохил карда мешавад. Хароҷоти марҳалаҳои минбаъда низ ба назар гирифта мешавад. Ин усул ҳангоми арзёбии технологияҳои нав истифода мегардад. Х.К. Қурбонализода ва ҳаммуаллифонаш қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марҳалаҳои давраи ҳаёти маҳсулот имкон медиҳад, ки оқибатҳои дарозмуддати қарорҳои идоракунӣ арзёбӣ карда шаванд» [23, С. 191].

Низоми нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ - KPI барои назорати натоиҷ истифода мешавад. Нишондиҳандаҳо барои корхона ва воҳидҳои он муқаррар мегарданд. Онҳо бояд ифодаи миқдорӣ дошта бошанд. Барои ҳар як нишондиҳанда андозаи нақшавӣ муайян карда мешавад. Дар растанипарварӣ ҳосилнокӣ ва хароҷот ба як гектар ба KPI дохил мешаванд. Дар чорводорӣ нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ ва сарфи хӯрок истифода мегарданд. Корхонаҳои коркард баромади маҳсулоти тайёрро арзёбӣ мекунанд. Барои ҳамаи самтҳо арзиши аслӣ ва даромаднокӣ ҳисоб карда мешаванд. А.Д. Клюкин таъкид менамояд, ки «баланд бардоштани сифати қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бевосита ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонии равандҳои иттилоотӣ вобаста мебошад» [17, С. 139].

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ маҳдудиятҳои татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд. Маҳдудияти аввал ба имконоти молиявии корхонаҳо вобаста аст. Низомҳои мукаммали ERP хароҷоти зиёдро талаб мекунанд. Хариди онҳо барои хоҷагиҳои хурд мушкил мебошад.

Маҳдудияти дуюм аз вазъи инфрасохтори рақамӣ бармеояд. Объектҳои истеҳсолӣ аксар вақт аз маркази маъмурӣ дур ҷойгиранд. На ҳамаи хоҷагиҳо ба шабакаи устувор дастрасӣ доранд. Ин ҳолат интиқоли иттилоотро дар вақти воқеӣ мушкил мегардонад.

Маҳдудияти сеюм ба таъминоти кадрӣ вобаста аст. Барои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ мутахассисон заруранд. Онҳо бояд усулҳои калькулятсия ва буҷетгузориро донанд. Малакаи кор бо низомҳои рақамӣ низ зарур мебошад.

Маҳдудияти чорум аз парокандагии иштирокчиёни занҷираи арзиш ба вуҷуд меояд. Корхонаҳо шаклҳои гуногуни ҳуҷҷатҳоро истифода мебаранд. Таркиби нишондиҳандаҳо низ фарқ мекунад. Ин ҳолат ташкили пойгоҳи ягонаи иттилоотиро душвор мегардонад.

Мутобиқсозии таҷрибаи хориҷӣ бояд марҳала ба марҳала анҷом дода шавад. Дар марҳалаи аввал объектҳои баҳисобгирӣ муайян карда мешаванд. Сипас марказҳои хароҷот ва масъулият таъсис меёбанд. Барои онҳо буҷет ва шаклҳои ҳисоботи дохилӣ таҳия карда мешаванд. Пас аз омода намудани иттилооти аввалия низоми KPI ҷорӣ мегардад.

Дар марҳалаи минбаъда қисматҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ автоматӣ карда мешаванд. Дар навбати аввал хароҷот ва захираҳои анборӣ фаро гирифта мешаванд. Сипас маълумоти истеҳсол ва фурӯш ба низом пайваст мегардад. Ҳамгироии пурра баъд аз санҷиши модулҳои алоҳида имконпазир мебошад.

Дар боби дуюм - «Арзёбии вазъи муосири баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон» - шароити рушди соҳа таҳқиқ шудааст. Фаъолияти чор корхона мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Усулҳои истифодашавандаи баҳисобгирии хароҷот баррасӣ гардидаанд. Ба ҳолати ташкили баҳисобгирии идоракунӣ баҳои миқдорӣ дода шудааст.

Вилояти Хатлон дорои истеҳсолоти рушдёфтаи кишоварзӣ мебошад. Дар ин минтақа зироатҳои техникӣ ва ғалладона парвариш карда мешаванд. Истеҳсоли сабзавот ва мева низ мавқеи муҳим дорад. Ашёи хоми кишоварзӣ ба корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард ворид мегардад.

Рушди истеҳсолот бо тағйир ёфтани таркиби субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамроҳ мебошад. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ меафзояд. Фаъолияти ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд низ васеъ мегардад. Ин равандҳо талаботро ба иттилооти боэътимод оид ба хароҷот ва натоиҷ зиёд менамоянд.

Барои арзёбии заминаи истеҳсолии экосистемаи аграрӣ динамикаи кишоварзӣ ва саноати коркард баррасӣ шудааст. Нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 2 оварда шудаанд. Дар он маълумоти муқоисашавандаи солҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ истифода гардидааст.

Ҷадвали 2 – Нишондиҳандаҳои асосии рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, млн. сомонӣ

Нишондиҳанда	Соли базавӣ	Арзиш дар соли базавӣ	Соли 2024	Соли 2024 нисбат ба соли базавӣ, %
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ	2019	26 800,5	39 148,4	146,1
Маҳсулоти растанипарварӣ	2019	19 495,0	27 352,0	140,3
Маҳсулоти чорводорӣ	2019	7 306,0	11 796,0	161,5
Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ	2018	9 266,1	12 666,0	136,7
Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ	2018	1 533,3	2 384,9	155,5
Шумораи субъектҳои кишоварзӣ, воҳид	2019	61 573	74 177	120,5

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маҷмуаҳои омории расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон барои соли 2025.

Дар солҳои 2019–2024 маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят 46,1% афзоиш ёфт. Афзоиш дар соҳаи чорводорӣ 61,5%-ро ташкил дод. Дар растанипарварӣ ин нишондиҳанда 40,3% зиёд гардид. Дар натиҷа ҳиссаи чорводорӣ дар сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ аз 27,3 то 30,1% баланд шуд.

Истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои 2018–2024 ба андозаи 36,7% афзоиш ёфт. Суръати баландтари рушд дар саноати хӯрокворӣ мушоҳида гардид. Ҳаҷми маҳсулоти он 55,5% зиёд шуд. Ин ҳолат аз васеъ гардидани коркарди ашёи хоми кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Шумораи субъектҳои кишоварзӣ ба 74 177 воҳид расид. Нисбат ба соли 2019 афзоиш 20,5%-ро ташкил дод. Қисми асосии онҳоро хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд. Афзоиши шумораи истеҳсолкунандагони мустақил робитаҳои иттилоотиро дар дохили комплекс мураккаб мегардонад. Хусусияти ин робитаҳо дар расми 4 инъикос ёфтааст.


Барои арзёбии амалияи мавҷуда фаъолияти КИ «Сомонҷон», ҶДММ «Тоҷ-Агро», ҶДММ «Оби Ховалинг» ва ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» омӯхта шуд. Корхонаҳо самтҳои гуногуни комплекси агросаноатиро намояндагӣ мекунанд. Ду корхонаи аввал ба истеҳсолоти кишоварзӣ машғуланд. Корхонаҳои дигар маҳсулотро коркард менамоянд.

Дар ҳамаи корхонаҳо баҳисобгирии молиявӣ ба роҳ монда шудааст. Барномаҳои муҳосибӣ истифода мешаванд. Буҷети солона тартиб дода мешавад. Аммо дар ҳар чор корхона воҳиди мустақили баҳисобгирии идоракунӣ вуҷуд надорад.

Марказҳои масъулият дар се корхона қисман муайян шудаанд. Дар ҶДММ «Оби Ховалинг» чунин марказҳо ҷудо карда нашудаанд. Буҷетгузории моҳона танҳо дар ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» қисман истифода мешавад. Дар корхонаҳои дигар ин абзор татбиқ намегардад.

Ҳисоботи дохилӣ хусусияти маҳдуд дорад. Дар се корхона он ҳангоми пайдо шудани зарурати алоҳида таҳия мешавад. Дар ҶСК «Комбинати

хӯрокворӣ» ҳисоботи таҳлилӣ ҳар моҳ тартиб дода мешавад. Ҳеҷ яке аз корхонаҳои таҳқиқшуда низоми нишондиҳандаҳои асосии самаранокиро истифода намебарад.



Расми 4 – Тафовут байни рушди истеҳсолоти агросаноатӣ ва вазъи баҳисобгирии идоракунӣ (таҳияи муаллиф)

Омӯзиши амалия аҳаммияти ҳисоби дақиқи арзиши аслиро тасдиқ намуд. А. Амирҷонӣ қайд мекунад, ки «яке аз мушкилоти асосӣ мавҷуд набудани иттилооти дақиқ оид ба харочот мебошад, ки эътимоднокии ҳисобҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Мураккабии тақсимоти харочоти ғайримустақим ва норасоии муҳосибони соҳибихтисос низ ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд» [1, С.154].

Сохтори харочоти корхонаҳои таҳқиқшуда дар ҷадвали 3 оварда шудааст. Он фарқи байни истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди саноатиро нишон медиҳад.

Ҷадвали 3 – Сохтори харочоти истеҳсолии корхонаҳои таҳқиқшуда, %

Намуди харочот	КИ «Сомонҷон»	ҶДММ «Тоҷ-Агро»	ҶДММ «Оби Ховалинг»	ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ»
Ашёи хом ва мавод	38,4	42,6	47,8	58,3
Музди меҳнат	22,7	20,4	18,6	14,2
Ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ	5,6	5,2	4,9	4,4
Сӯзишворӣ ва неру	14,8	11,6	9,8	8,3
Истеҳлок	7,4	8,5	7,2	6,5
Харочоти умумистеҳсолӣ	11,1	11,7	11,7	8,3
Ҳамагӣ	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи корхонаҳои таҳқиқшуда

Ҳиссаи баландтарини ашёи хом ва мавод дар ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» ба қайд гирифта шудааст. Он 58,3 %-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат ба хусусияти коркарди маҳсулот вобаста аст. Дар КИ «Сомонджон» нишондиҳандаи мазкур ба 38,4 % баробар мебошад. Дар ин корхона ҳиссаи музди меҳнат ва хароҷоти сӯзишворӣ бештар аст.

Тафовут дар сохтори хароҷот истифодаи усулҳои гуногуни назоратро талаб мекунад. Дар истеҳсолоти кишоварзӣ хароҷот аз рӯи зироатҳо ва қитъаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар корхонаи коркард хароҷот аз рӯи марҳалаҳои раванди технологӣ гурӯҳбандӣ мегардад.

Дар КИ «Сомонджон» усули фармоишӣ-объектии калкулятсия истифода мешавад. Дар се корхонаи дигар усули марҳилавӣ татбиқ мегардад. Хароҷоти мустақим ба намуди дахлдори маҳсулот мансуб дониста мешавад.

Тартиби тақсимоти хароҷоти ғайримустақим фарқ мекунад. Дар КИ «Сомонджон» ва ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» ҳаҷми истеҳсолот ҳамчун асоси тақсимот истифода мешавад. Дар ҶДММ «Тоҷ-Агро» чунин асосро музди меҳнат ташкил медиҳад. Дар ҶДММ «Оби Ховалинг» арзиши ашёи хом истифода мегардад.

Ин асосҳои тақсимот барои истифодаи амалӣ сода мебошанд. Аммо онҳо истеъмоли воқеии захираҳоро на ҳамеша дуруст инъикос мекунанд. Аз ин сабаб арзиши аслии баъзе намудҳои маҳсулот метавонад нодуруст муайян гардад. Ин ҳолат ба ҳисоби даромаднокӣ низ таъсир мерасонад.


Дар корхонаҳои таҳқиқшуда усулҳои муосири идоракунии хароҷот истифода намешаванд. Аз ҷумла, ABC-костинг ва таргет-костинг татбиқ нагардидаанд. Ҳисоби хароҷот аз рӯи давраи ҳаётии маҳсулот низ вуҷуд надорад. Ин ҳолат таҳлили сабабҳои пайдоиши хароҷотро маҳдуд мекунад.

Мушкилоти мазкур дар раванди рақамикунонӣ низ мушоҳида мешавад. Дар ҳамаи корхонаҳо барномаи 1С истифода мегардад. Дар ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» барномаи 1С:ЕРП татбиқ шудааст. Аммо автоматикунонӣ асосан баҳисобгирии молиявӣ ва андозиро фаро мегирад.

Маълумоти истеҳсолӣ, анборӣ ва фурӯш пурра муттаҳид нашудааст. Роҳбарият як қисми иттилоотро аз ҳуҷҷатҳои алоҳида дастрас мекунад. Дар КИ «Сомонджон» ва ҶДММ «Оби Ховалинг» қисми зиёди маълумот ба таври дастӣ коркард мешавад.

Д.Н. Дадоматов ва Б.М. Кузибаева таъкид мекунанд, ки «баҳисобгирӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ, даромади умумӣ ва даромаднокии хоҷагӣ дар маҷмуъ ва воҳидҳои алоҳидаи он муайян карда шаванд» [7, С. 329].

Натоиҷи омӯзиш аз рӯи ҳашт нишондиҳанда ҷамъбаст карда шуданд. Ҳар як нишондиҳанда аз рӯи ҷадвали чорбаллӣ арзёбӣ гардид. Баҳои 1 сатҳи паст, 2 сатҳи миёна, 3 сатҳи хуб ва 4 сатҳи баландро ифода мекунад (расми 5).



Расми 5 - Арзёбии сатҳи таъминоти иттилоотӣ ва рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои таҳқиқшуда (таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот)

Натиҷаи баландтарин дар ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» ба даст омадааст. Он 3,9 холро ташкил медиҳад. Корхона дорои низоми нисбатан мукаммали автоматикунонӣ ва ҳисоботи дохилӣ мебошад. Баҳои миёнаи ҶДММ «Тоҷ-Агро» ба 2,8 хол баробар аст. Дар КИ «Сомонҷон» ин нишондиҳанда 2,0 холро ташкил медиҳад. Дар ҶДММ «Оби Ховалинг» он ба 1,9 хол баробар мебошад.

Буҷетгузории электронӣ ва назорати электронии хароҷот самтҳои нисбатан заиф боқӣ мемонанд. Маълумоти истеҳсолӣ ва анборӣ пурра муттаҳид нашудааст. Ҳисобот аз рӯи марказҳои масъулият мунтазам тартиб дода намешавад. Натоиҷи бадастомада зарурати ташкили низоми ягонаи иттилоотиро тасдиқ мекунанд. Асоси онро марказҳои масъулият, буҷетгузорӣ ва ҳисоботи дохилӣ ташкил медиҳанд.

Дар боби сеюм – «Самтҳои асосии такмили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити экосистемаи аграрӣ» – пешниҳодот оид ба рушди низоми таҳқиқшаванда таҳия шудаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ, марказҳои масъулият ва рақамикунонии иттилооти идоракунӣ равона гардидааст.


Таҳқиқот аз рӯи се самт гузаронида шудааст. Самти аввал ба арзёбии миқдории қарорҳои идоракунӣ вобаста мебошад. Самти дуюм механизми баҳисобгириро аз рӯи марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш шарҳ медиҳад. Самти сеюм тартиби рақамикунонии иттилооти идоракуниро муайян мекунад.

Барои санҷиши чораҳои пешниҳодшуда маълумоти КИ «Сомонҷон» ва ҶДММ «Мармарӣ» барои солҳои 2020-2024 истифода шудааст. Корхонаҳо аз рӯи сатҳи ташкили баҳисобгирӣ фарқ мекунанд. Ин имкон дод, ки модел дар шароити гуногуни ибтидоӣ санҷида шавад.

Дар марҳалаи аввал унсурҳои дохилии низом арзёбӣ гардиданд. Ба ҳисоб рақамикунонии баҳисобгирӣ, буҷетгузорӣ ва марказҳои масъулият дохил карда шуданд. Сифати ҳисоботи дохилӣ ва назорати фаврии хароҷот низ ба назар гирифта шуданд.

Сипас модел бо авомили экосистемаи аграрӣ такмил дода шуд. Дар он ҳамгироии иштирокчиён ва суръати мубодилаи маълумот ба назар гирифта мешавад. Устувории занҷираи арзиш ва мувофиқати қарорҳо низ арзёбӣ мегарданд. Дастрасӣ ба маблағгузорӣ ҳамчун омили алоҳида ворид карда шудааст.

Шохиси ҷамъбастӣ чор ҷузъро муттаҳид мекунад: шохиси дохилӣ; шохиси экосистема; ҳамгироии иттилоотӣ; дастгирии муҳити беруна. Ҳамаи нишондиҳандаҳо дар фосилаи аз 0 то 1 меъёрбандӣ мешаванд. Коэффитсиентҳои вазнӣ бо усули экспертӣ муайян мегарданд. Сохтори ҳисоб дар расми 6 пешниҳод шудааст.



Расми 6 – Модели иқтисодӣ-риёзии экосистемавии арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ (таҳияи муаллиф)

Модели пешниҳодшуда танҳо сатҳи бадастомадаро муайян намекунад. Он имкон медиҳад, ки сенарияҳои заминавӣ, беҳтаршуда ва инноватсионӣ муқоиса карда шаванд. Роҳбар натиҷаи эҳтимолиро пеш аз татбиқи чораҳои пешбинишуда ҳисоб карда метавонад. Натоиҷи ҳисоб дар ҷадвали 4 оварда шудаанд. Дар КИ «Сомонҷон» шохиси ҷамъбастӣ аз 0,44 то 0,69 зиёд мешавад. Афзоиш 56,8 %-ро ташкил медиҳад. Дар ҶДММ «Мармарӣ» шохис аз 0,66 то 0,82 баланд мегардад. Афзоиш ба 24,2 % баробар аст. Ин фарқ бо ҳолати ибтидоии баҳисобгирӣ вобаста мебошад. Дар КИ «Сомонҷон» захираи такмил нисбатан бештар аст.

Ҷадвали 4. – Натоиҷи татбиқи модели экосистемавӣ дар корхонаҳои таҳқиқшуда


Нишондиҳанда	КИ «Сомонҷон», ҳолати ҷорӣ	КИ «Сомонҷон», пас аз татбиқ	ҶДММ «Мармарӣ», ҳолати ҷорӣ	ҶДММ «Мармарӣ», пас аз татбиқ
Шохиси авомили дохилӣ	0,48	0,70	0,72	0,84
Шохиси авомили экосистема	0,41	0,68	0,61	0,81
Шохиси ҳамгироии иттилоотӣ	0,36	0,72	0,65	0,87
Дастгирии муҳити беруна	0,50	0,65	0,58	0,72
Шохиси самаранокии қарорҳо	0,44	0,69	0,66	0,82
Афзоиши самаранокӣ, %	–	56,8	–	24,2

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси модели пешниҳодшуда

Таҳлили ҳассосият нақши асосии робитаҳоро дар дохили экосистема тасдиқ намуд. Баланд шудани сатҳи ҳамгироӣ ба андозаи 10 % шохиси ҷамъбастиро ба ҳисоби миёна 5,8 % зиёд мекунад. Тезонидани мубодилаи иттилоот афзоиши 5,3 %-ро таъмин менамояд. Дар байни авомили дохилӣ рақамикунонии баҳисобгирӣ таъсири бештар дорад. Тағйир ёфтани ин нишондиҳанда ба андозаи 10 % шохисро 4,6 % баланд мебардорад. Беҳтар шудани ҳисоботи идоракунӣ афзоиши 4,2 %-ро таъмин мекунад.

Натоиҷи бадастомада пайдарҳамии тағйиротро муайян менамоянд. Нахуст мубодилаи маълумот бояд ба роҳ монда шавад. Барои ҳар амал шахси масъул муайян мегардад. Сипас васеъ намудани доираи абзорҳои рақамӣ мувофиқи мақсад мебошад. Н.Н. Бондина дуруст қайд мекунад: «Низоми хуб ба роҳ мондашудаи баҳисобгирии идоракунӣ сифати қарорҳои дар асоси он қабулшавандаро беҳтар менамояд» [3, С. 6].

Дар диссертатсия механизме пешниҳод шудааст, ки воҳидҳои корхонаро бо марҳалаҳои ташаккули арзиш мепайвандад. Асоси онро марказҳои хароҷот, даромад, фоида ва сармоягузорӣ ташкил медиҳанд. Барои ҳар як марказ ваколатҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбӣ муқаррар карда мешаванд. Шаклҳои ҳисоботи дохилӣ низ муайян мегарданд. Занҷираи арзиш ҳаракати маҳсулотро аз таъминот то фурӯш фаро мегирад. Дар ҳар як марҳала хароҷот ва натиҷаи бадастомада ба ҳисоб гирифта мешаванд. Иттилоот ба низоми ягона ворид мегардад. Сипас он барои таҳлили инҳироф, моделсозӣ ва омода намудани қарорҳо истифода мешавад (расми 7).



Расми 7. – Механизми баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш дар экосистемаи аграрӣ (таҳияи муаллиф)

Механизм таъсири муҳити берунаро ба назар мегирад. Ба фаъолияти корхона танзими давлатӣ ва стандартҳои соҳавӣ таъсир мерасонанд. Вазъи бозор, фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ ва инфрасохтори рақамӣ низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин маълумот дар ҷараёни таҳлил истифода мегардад. Аз ин рӯ, қарорҳо ба нишондиҳандаҳои дохилӣ ва ҳолати воқеии занҷираи арзиш асос меёбанд.

Дар низом алоқаи баръакс пешбинӣ шудааст. Таркиби абзорҳои истифодашаванда аз ҳаҷм ва тахассуси истеҳсолии корхона вобаста мебошад:

– барои корхонаҳои хурд – буҷетгузории мавсимӣ ва баҳисобгирии хароҷот аз рӯи намудҳои истеҳсолот;

– барои корхонаҳои миёна – ташкили марказҳои масъулият, таҳлили фаврӣ ва меъёрии хароҷот;

– барои корхонаҳои бузурги коркард – ҳамгироии баҳисобгирии идоракунӣ бо низомҳои ЕРП ва БИ, таҳлили хароҷот ва занҷираи арзиш.

Ҷадвали 5 – Самтҳои татбиқи механизми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои таҳқиқшуда

Корхона	Мушкилоти ошкоршуда	Унсури тавсияшаванда	Татбиқи амалӣ
КИ «Сомонҷон»	Сатҳи пасти буҷетгузорӣ ва набудани таҳлили мунтазами инҳирофҳо	Марказҳои масъулият, буҷетҳои мавсимӣ, мониторинги хароҷот	Таҳияи ҳисобот аз рӯи қитъаҳои истеҳсолӣ. Муқоисаи хароҷоти нақшавӣ ва воқеӣ
ҶДММ «Тоҷ-Агро»	Маҳдуд будани ҳисоботи дохилӣ ва сатҳи пасти таҳлили хароҷот	Марказҳои масъулият, ҳисоботи идоракунӣ, таҳлили занҷираи арзиш	Арзёбии алоҳидаи боғдорӣ, истеҳсолоти гармхонаӣ ва коркарди маҳсулот
ҶДММ «Оби Ховалинг»	Сатҳи пасти рақамикунонӣ ва набудани марказҳои масъулият	Рақамикунонии ҷараёни иттилоотӣ, буҷетгузорӣ	Ҷамъоварии мунтазами маълумоти истеҳсолӣ ва таҳияи ҳисоботи фаврии дохилӣ
ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ»	Назорати нокифояи хароҷоти ғайримустақим ва саҳми воҳидҳои сохторӣ	Марказҳои масъулият, занҷираи арзиш, таҳлили инҳирофҳо	Назорати ташаккули арзиш аз қабули ашёи хом то фурӯши маҳсулоти тайёр

Манбаъ: таҳияи муаллиф аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқи фаъолияти корхонаҳо

Тадбирҳои суроғавӣ аз татбиқи расмии маҷмуи якхелаи абзорҳо пешгирӣ мекунанд. Дар КИ «Сомонҷон» буҷетгузории мавсимӣ аҳаммияти асосӣ дорад. Барои ҶДММ «Тоҷ-Агро» арзёбии алоҳидаи самтҳои фаъолият муҳим мебошад. Дар ҶДММ «Оби Ховалинг» маълумоти аввалия бояд ба тартиб дароварда шавад. Интиқоли рақамии он низ такмил мехоҳад. Дар ҶСК «Комбинати хӯрокворӣ» ба хароҷоти ғайримустақим ва саҳми воҳидҳои сохторӣ диққати асосӣ дода мешавад.

Дар механизми мазкур робитаи иттилоотӣ ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ баррасӣ мегардад. Н.А. Герасимова ва Н.М. Шевцова ба вазифаҳои низом «арзёбии самаранокии робитаҳои иттилоотӣ байни воҳидҳои дохилии корхона ва муҳити беруна»-ро дохил мекунанд [6, С. 11].

Таҳқиқи фаъолияти корхонаҳо пароканда будани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ ва фурӯшро нишон дод. Қисми маълумот ба таври дастӣ


коркард мешавад. Ҳисоботи дохилӣ аксаран пас аз анҷоми давраи ҳисоботӣ таҳия мегардад. Ин ҳолат аҳаммияти онро барои идоракунии фаврӣ коҳиш медиҳад. Барои бартараф намудани ин норасоӣ модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод шудааст. Асоси онро платформаи ягонаи иттилоотӣ ташкил медиҳад. Дар ин платформа маълумоти марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва буҷетгузорӣ муттаҳид карда мешавад. Натоиҷ дар низоми нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ва лавҳаҳои идоракунӣ инъикос мегарданд (расми 8).



Расми 8 – Меъмории рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (таҳияи муаллиф)

Махзани ягона воридкунии такрории як маълумотро бартараф мекунад. Он муқоисашавандагии нишондиҳандаҳоро таъмин менамояд. Роҳбарият ба маълумоти хароҷот, маржа ва инҳирофҳои буҷетӣ дастрасӣ пайдо мекунад. Ҳаракати маҳсулот низ дар низом инъикос мегардад. Низом ҳисобҳои пешгӯӣ ва интихоби сенарияро дастгирӣ менамояд.

Ҳисоботи идоракунӣ аз рӯи давраҳои таҳия гурӯҳбандӣ мешавад. Ҳисоботи ҳаррӯза ва ҳафтаина ҳаҷми истеҳсол, бақияи захираҳо ва хароҷоти сӯзишвориро инъикос мекунанд. Дар онҳо иҷрои фармоишҳо низ нишон дода мешавад. Ҳисоботи моҳона арзиши аслӣ, маржа ва гардиши воситаҳоро дар бар мегирад. Иҷрои буҷет низ дар он арзёбӣ мешавад. Ҳисоботи семоҳа ва мавсимӣ барои арзёбии даромаднокӣ истифода мегардад. Дар асоси онҳо сатҳи истифодаи иқтидорҳо ва қарорҳои сармоягузорӣ муайян карда мешаванд (расми 9).



Расми 9. - Харитаи роҳ ҷиҳати татбиқи модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон (таҳияи муаллиф)

Гузариш ба модели рақамӣ бояд марҳила ба марҳила анҷом дода шавад. Ҷорӣ намудани ҳамзамони низомҳои мураккаби ЕРП, БИ ва Интернети ашё барои аксари корхонаҳои вилояти Хатлон аз ҷиҳати иқтисодӣ мушкил мебошад. Дар ибтидо ташхиси низоми амалкунанда гузаронида мешавад. Сипас маълумотномаҳо ва ҳуҷҷатҳо ба шакли ягона оварда мешаванд. Баъд аз ин ядрои рақамӣ, ҳисоботи таҳлилӣ ва технологияҳои дақиқ ҷорӣ мегарданд.

Марҳилаи якум аз ду то се моҳро дар бар мегирад. Дар натиҷа харитаи равандҳо, марказҳои масъулият ва ҷараёнҳои иттилоотӣ таҳия мешавад. Марҳилаи дуюм низ ҳамин муҳлатро талаб мекунад. Дар ин марҳила қоидаҳои ягонаи гурӯҳбандии хароҷот, ҳуҷҷатҳо ва нишондиҳандаҳо муқаррар карда мешаванд.

Дар марҳилаи сеюм ядрои рақамӣ таъсис дода мешавад. Муҳлати тахминии он аз чор то шаш моҳ аст. Амалиёти муҳосибӣ ва ҳаракати захираҳо автоматӣ мегарданд. Ҳисоби арзиши аслӣ низ ба низоми рақамӣ гузаронида мешавад. Марҳилаи чорум таҳияи ҳисоботи фаврӣ ва лавҳаҳои таҳлилиро пешбинӣ менамояд. Мониторинги нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ низ ба роҳ монда мешавад. Дар марҳилаи панҷум лоиҳаҳои озмоишии Интернети ашё ва пайгирии рақамии маҳсулот амалӣ мегарданд.

Татбиқи харитаи роҳ масъулияти шахсии роҳбаронро талаб мекунад. Омода намудани кормандон низ зарур аст. Барои пешбурди маълумот ва нусхабардории эҳтиётӣ қоидаҳои ягона муқаррар карда мешаванд. Пас аз ҳар марҳила натоиҷи бадастомада арзёбӣ мегарданд. Қарор дар бораи гузариш ба марҳилаи навбатӣ баъд аз бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда қабул карда мешавад.

Модели иқтисодӣ-риёзӣ оқибатҳои қарорҳоро арзёбӣ менамояд. Механизм масъулиятро дар марҳилаҳои занҷираи арзиш муайян мекунад. Меъмории рақамӣ ҳаракати саривақтии иттилоотро таъмин менамояд. Татбиқи пайдарпайи онҳо шаффофияти хароҷотро баланд мебардорад. Қарорҳои идоракунӣ низ асосноктар мегарданд.

ХУЛОСА

Натоиҷи асосии илмии таҳқиқот

1. Таҳқиқот нишон дод, ки дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ равиши анъанавӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ ба талаботи муосири идоракунӣ пурра ҷавобгӯ нест. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд ҳамчун низоми таъминоти иттилоотии идоракунӣ ташаккул ёбад. Ин низом бояд ба равандҳои рушди экосистемаи истеҳсолоти аграрӣ таъсири фаъол расонад [3-М; 6-М; 12-М].

2. Шакл, сифат ва самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ аз хусусиёти истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи усулҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ хусусиёти мазкур бояд ба назар гирифта шаванд. Риояи ин шарт барои татбиқи самараноки технологияҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ зарур мебошад [3-М; 5-М; 6-М].

3. Ташкили дуруст ва оқилонаи марказҳои масъулият яке аз масоили асосии баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи равиши экосистемавӣ ин масъала мазмуни васеътар пайдо мекунад. Равиши мазкур амалиёти гуногуни баҳисобгириро фаро мегирад.

Ҳадафи асосии ташкили марказҳои масъулият гузариши тадриҷӣ аз ҳисоботи молиявӣ ба таҳлили маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ мебошад [3-М; 4-М].

4. Бартарии асосии равиши экосистемавӣ дар он ифода меёбад, ки усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи занҷираи арзиш баррасӣ мешаванд. Идоракунии занҷираи арзиш раванди мураккаб мебошад. Бе истифодаи технологияҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ дар ин раванд мушкилоти зиёд ба вуҷуд меоянд. Равиши экосистемавӣ барои ҳалли онҳо замина фароҳам меорад [4-М; 9-М].

5. Ташаккули экосистемаи истеҳсолоти аграрӣ раванди баргардоннашаванда мебошад. Он дорои меъёрҳои гуногуни арзёбӣ аст. Рушди он аз як шакли сифатӣ ба шакли дигар идома меёбад. Сиёсати макроиқтисодӣ ва дараҷаи танзими давлатии соҳа ба суръат ва самти ин раванд таъсир мерасонанд. Вазифаи назария ва методологияи баҳисобгирии идоракунӣ мутобиқ намудани усулҳои муосири баҳисобгирӣ ба талаботи экосистемаи аграрӣ мебошад. Дар ин самт рақамикунонии фаъолияти муҳосибӣ аҳаммияти махсус дорад [1-М; 7-М].

6. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии баҳисобгирии идоракунӣ нишон дод, ки рушди равиши экосистемавӣ барои фаъолияти самараноки корхонаҳои комплекси агросаноатӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ин раванд ташаккули кластерҳои аграрӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аммо истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо назардошти хусусиёти институтсионалӣ ва ташкилии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ амалӣ карда шавад [3-М; 6-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Шарти асосии гузариши корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равиши экосистемавӣ ташкили самараноки идоракунии занҷираи арзиш мебошад. Ин масъала барои корхонаҳои вилояти Хатлон аҳаммияти хос дорад. Таҳлил нишон дод, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар аксари корхонаҳо хусусияти пароканда дорад. Он бештар бо таҳияи ҳисоботи молиявӣ маҳдуд мешавад. Пайдарпайии амалиёти баҳисобгирӣ низ таъмин нагардидааст. Аз ин рӯ, низоми амалкунанда ба ислоҳоти асосӣ ниёз дорад.

2. Корхонаҳои кишоварзии минтақа бо таъминоти нокифояи методӣ фаъолият мекунанд. Ин ҳолат ба ҳамоҳангии сатҳҳои гуногуни идоракунӣ монеъ мегардад. Барои таҳлил ва коркарди иттилооти идоракунӣ таҳкими робитаҳои амудӣ ва уфуқӣ пешниҳод мешавад.

3. Барои идоракунии самараноки занҷираи арзиш дар корхонаҳои комплекси агросаноатии минтақа низоми мақсадноки баҳисобгирии дохилӣ зарур аст. Ин низом бояд муҳити дохилӣ ва берунии корхонаро дар доираи ягонаи таҳлилӣ фаро гирад. Аз ин рӯ, сифат ва самаранокии баҳисобгирии дохилӣ бояд ба сатҳи нав бардошта шавад.

4. Дурнамои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо технологияҳои рақамӣ алоқаманд аст. Ворид намудани технология ба раванди истеҳсолот ҳадафи ниҳоӣ нест. Вазифаи асосӣ таъмини

робитаи устувор байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ мебошад. Технологияҳои рақамӣ барои ташкили чунин робита имконият фароҳам меоранд.

5. Натоиҷи моделсозӣ нишон доданд, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда метавонад шаффофияти ташаккули арзиши аслиро баланд бардорад. Сифати қарорҳои идоракунӣ низ беҳтар мешавад. Истифодаи марказҳои масъулият имкон медиҳад, ки саҳми ҳар воҳиди сохторӣ дақиқ муайян гардад. Ин саҳм дар ташаккули арзиши маҳсулот ва натиҷаи ниҳоии иқтисодӣ арзёбӣ мешавад.

6. Тавсияҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълим истифода шаванд. Онҳо барои омӯзиши фанҳои «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ» ва «Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» мувофиқ мебошанд. Тавсияҳо дар барномаҳои такмили ихтисоси муҳосибон ва роҳбарони корхонаҳои комплекси агросаноатӣ низ татбиқшавандаанд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Амирҷони А. Асосҳои методологии муайян кардан ва тасниф намудани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ / А. Амирҷони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 7. – С. 152-163.

2. Амонова Д. С. Современные тенденции в финансовом учете: вызовы и перспективы для предприятий Республики Таджикистан / Д. С. Амонова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2025. – № 1(56).

3. Бондина Н. Н. Управленческий учет как информационная база для принятия эффективных управленческих решений в деятельности сельскохозяйственных организаций // Актуальные проблемы бухгалтерского учета, аудита и анализа в современных условиях. – Пенза: Пензенский государственный аграрный университет, 2024. – С. 3–31.

4. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет*:* учебник для вузов. - Москва: Омега-Л, 2002. - 526 с.

5. Воронин Б., Чупина И., Воронина Я. Экономическая категория «агропромышленный комплекс» на современном этапе развития // Экономика сельского хозяйства России. – 2021. – № 11. – С. 56–58.

6. Герасимова Н. А., Шевцова Н. М. Особенности информационного обеспечения управления предприятиями АПК // Информационное обеспечение и моделирование социально-экономических процессов: материалы национальной научно-практической конференции, Воронеж, 20–22 мая 2024 г. – Воронеж: Воронежский государственный аграрный университет имени Императора Петра I, 2024. – С. 10–14.

7. Дадоматов Д. Н., Кузибаева Б. М. Основные теоретические и нормативные особенности организации методов бухгалтерского учета в дехканских (фермерских) хозяйствах // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2025. – № 1-2(134). – С. 329–337.

8. Дадоматов Д.Н., Қӯзибоева Б.М. Хароҷотҳои трансаксионӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии корхонаҳои азим // Кишоварз. – 2021. – № 4 (93). – С. 184–188.

9. Дегальцева Ж. В., Плужная А. А. Развитие организационно-экономической модели калькулирования затрат в аграрных формированиях // Естественно-гуманитарные исследования. – 2021. – № 37(5). – С. 346–354.

10. Дмитриева, Д. С. Особенности учета затрат и калькулирования себестоимости продукции животноводства / Д. С. Дмитриева, Н. Н. Костева // Тенденции развития науки и образования. – 2024. – № 109-5. – С. 94–96.

11. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет*: учебник*. - 3-е изд., перераб. и доп. - Москва: Магистр; ИНФРА-М, 2011. - 448 с.

12. Каверина О.Д. Управленческий учет: теория и практика*:* учебник для бакалавров. - 2-е изд., перераб. и доп. - Москва: Юрайт, 2014. - 488 с.

13. Каримов Б. Ҳ. Тавсифи қиёсии усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ва имконияти корбурди онҳо дар пахтакорӣ / Б. Ҳ. Каримов // Фурӯғи илм. – 2026. – №. 1.3. – С. 117-130.

14. Карпова Т.П. Управленческий учет*:* учебник для вузов. - Москва: ЮНИТИ, 2002. - 350 с.

15. Кемпф А. А. Особенности калькуляционного процесса в сельскохозяйственных организациях // Вестник Чеченского государственного университета имени А. А. Кадырова. – 2019. – Т. 36, № 4. – С. 76–81.

16. Керимов В.Э. Бухгалтерский управленческий учет*:* учебник. - 5-е изд., изм. и доп. - Москва: Дашков и К°, 2005. - 460 с.

17. Клюкин А. Д. Повышение качества принятия управленческих решений в сельскохозяйственных предприятиях на основе использования цифровых технологий и автоматизации // Экономические вопросы развития сельского хозяйства Беларуси. – 2023. – № 51. – С. 136–147.

18. Комилов С. Дж, Фируз М. Б. Развитие конкурентоспособности регионального АПК Республики Таджикистан // ПСЭ. 2016. №2 (58). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/razvitie-konkurentosposobnosti-regionalnogo-apk-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 06.05.2026).

19. Костюкова Е. И., Германова В. С., Бушлина К. Ю., Хоружий В. И. Управленческий учет как информационная база для принятия оперативных управленческих решений в сельскохозяйственных организациях // Бухучет в сельском хозяйстве. – 2021. – № 9. – С. 24–36.

20. Кошонова М.Р. Назорати дохилӣ ва моҳияти он дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-3 (65). – С. 24–29.

21. Кузибаева Б.М., Дадоматов Д.Н. Трансформация институциональной структуры и формирование трансакционного сектора в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – № 3 (55). – С. 112–117.

22. Қодиров Р. Н. Омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии истеҳсоли зироатҳои полези дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Қодиров, Д. Ш. Пирзода // Кишоварз. – 2024. – Vol. 104, № 3. – С. 224-236.

23. Қурбонализода Ҳ. Қ. Системаи амалинамоии баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ / Ҳ. Қ. Қурбонализода, Т. А. Алимардонзода, Т. Б. Раҷабов // Кишоварз. – 2024. – Том 105, № 4. – С. 188–195.

24. Лукьянова М. Т. Подходы к оценке эффективности использования затрат на производство зерна / М. Т. Лукьянова, В. Ш. Топонова // Российский электронный научный журнал. – 2024. – № 3(53). – С. 195-206.

25. Малые формы хозяйствования - локомотив социально-экономического развития АПК и России / В. В. Тульчеев, С. В. Жевора, Е. В. Овэс, В. А. Бызов // Экономика, труд, управление в сельском хозяйстве. – 2024. – № 8 (114). – С. 141–151.

26. Масалева М. В. Обоснование исследования современных подходов к формированию концепции инновационного стратегического управления агропромышленными комплексами / М. В. Масалева // Интеграция науки и образования в аграрных вузах для обеспечения продовольственной безопасности России: сборник трудов национальной научно-практической конференции, Тюмень, 01–03 ноября 2022 года. – Тюмень: Государственный аграрный университет Северного Зауралья, 2022. – С. 331-336.

27. Мирзозода М. Ш. Хусусиятҳои соҳавии методологияи баҳисобгирии харочот барои истеҳсоли маҳсулоти зироаткорӣ / М. Ш. Мирзозода, Д. Б. Расулзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2025. – № 1-1(131). – С. 349–353.

28. Набиева З. Т. Теоретические основы и особенности управления издержками сельскохозяйственного производства в условиях перехода к интенсивному типу экономического роста // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – 2023. – № 4(78). – С. 72–79.

29. Николаева С.А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система «директ-костинг»: теория и практика. - *Москва:* Финансы и статистика, 1993. - 128 с.

30. Палий В.Ф. Управленческий учет издержек и доходов с элементами финансового учета. - Москва: ИНФРА-М, 2006. - 277 с.

31. Путникова, Е. Л. Методологические аспекты учетного обеспечения затрат и исчисления себестоимости продукции растениеводства / Е. Л. Путникова, К. Н. Пилипчук // Вестник Белорусской государственной сельскохозяйственной академии. – 2025. – № 3. – С. 9-13

32. Раҳимов С.Х. Модели баҳисобгирии харочот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 2 (41). – С. 66–74.

33. Раҷабов Т. Б. Ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ва модели баҳисобгирии идоракунии он / Т. Б. Раҷабов, Ҳ. Қ. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 3(53).

34. Сайфиддинзода С. С. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ / С. С. Сайфиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 2(41). – с. 28-34.

35. Северина Ю., Улецко А. Особенности агропродовольственного комплекса как объекта управления // Экономика сельского хозяйства России. – 2017. – № 9. – С. 54–58.

36. Серебрякова Т. Ю. Принципы формирования АПК в современной экономике сельского хозяйства России // Региональная экономика: теория и практика. – 2021. – Т. 19, № 12(495). – С. 2345–2359.

37. Соколов Я.В. *Основы теории бухгалтерского учета*. - Москва: Финансы и статистика, 2000. - 496 с.

38. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2016. – 103 с.

39. Судакова А. В. Основные принципы организации бухгалтерского управленческого учета // Aspectus. – 2014. – № 3. – С. 130–132.

40. Тағоев Ҷ. Ҳ. Баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷорисозии инноватсияҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон / Ҷ. Ҳ. Тағоев, Н. А. Ҳисайнов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № . 4-3(71). – С. 62. (61-71.).

41. Тихонов Э. Е., Магомедова Н. П. Классификация затрат на предприятиях сельскохозяйственного сектора экономики // Научный вестник Невинномысского государственного гуманитарно-технического института. – 2019. – № 4. – С. 46–50.

42. Ушачев И. Г., Маслова В. В., Зарук Н. Ф., Авдеев М. В. Экосистемный подход к эффективному развитию агропромышленного комплекса // Вестник Российской академии наук. – 2025. – № 6. – С. 20–29.

43. Хоналиев Н. Развитие сельского хозяйства Таджикистана за годы государственной независимости / Н. Хоналиев // Экономика Таджикистана. – 2025. – № 3. – С. 212–226.

44. Хусусиятҳои ҳисобгирии хароҷот ба истеҳсолот ва бароориши маҳсулот дар хоҷагии қишлоқ / Қ. Х. Барфиев, З. Н. Файзуллоева, Н. Ҷ. Ҳасанова, М. Б. Холназаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – № 1-4-1 (68). – С. 241-247.

45. Хушвахтзода Қ. Х. Истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ / Қ. Х. Хушвахтзода, С. С. Сайфиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 3(42). – С. 84-92.

46. Ҳакимова М. А. Марҳилаҳои рушд ва ояндабинии баҳисобгирии идоракунӣ / М. А. Ҳакимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 11. – С. 178-182.

47. Цемба Н. М. Внедрение МСФО в бухгалтерский учет в сельском хозяйстве как механизм информационного обеспечения устойчивого

развития экономики // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. – 2022. – № 8. – С. 196–199.

48. Чумаченко Н.Г. Учет и анализ в промышленном производстве США. - Москва: Финансы, 1971. - 240 с.

49. Шарипов И. О. Экономическая сущность АПК и принципы его регулирования / И. О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 6-2. – С. 22-28.

50. Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности. - Москва: ИНФРА-М, 2006. - 415 с.

51. Anthony, R. N. Planning and Control Systems: A Framework for Analysis. Boston: Division of Research, Graduate School of Business Administration, Harvard University, 1965.

52. Atkinson, A. A., Kaplan, R. S., Matsumura, E. M., Young, S. M. Management Accounting: Information for Decision-Making and Strategy Execution. 6th ed. Upper Saddle River, NJ: Pearson Prentice Hall, 2012.

53. Drury, C. Management and Cost Accounting. 10th ed. Andover: Cengage Learning EMEA, 2018.

54. Hansen, D. R., Mowen, M. M., Guan, L. Cost Management: Accounting & Control. 6th ed. Mason, OH: South-Western Cengage Learning, 2009.

55. Horngren C. T., Datar, S. M., Rajan, M. V. Cost Accounting: A Managerial Emphasis. 14th Global ed. Harlow: Pearson Education Limited, 2012.

56. Kaplan, R. S., Cooper, R. Cost & Effect: Using Integrated Cost Systems to Drive Profitability and Performance. Boston: Harvard Business School Press, 1998.

57. Shank, J. K., Govindarajan, V. Strategic Cost Management: The New Tool for Competitive Advantage. New York: The Free Press, 1993.

58. Simons, R. Levers of Control: How Managers Use Innovative Control Systems to Drive Strategic Renewal. Boston: Harvard Business School Press, 1995.

59. Timchenko O., Sotnyk V. Formation of a Digital Ecosystem of the Management of Agrarian Enterprises // Причорноморські економічні студій. - 2024. -№ 89. - С. 45–49.

60. Zhakhov N., Bessonova E., Pykhtin A. I., Ershova I. G. Sustainable Development of Agricultural Cooperation in Conditions of Economy Digitalization // Journal of Law and Sustainable Development. 2023. Vol. 11. № 12. Art. e2362.

ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

А. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Махмадуллои Р.М. , Махмадизода Ф.Б. Анализ современного состояния и тенденции развития АПК Республики Таджикистан // Вестник

Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2025. – № 11. – С. 13-26. (0,8 ҷ.ч.).

[2-М]. Маҳмадуллои Р.М. Механизмҳои иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2025. – № 1/3. – С. 563–566. (0,25 ҷ.ч.).

[3-М]. Маҳмадуллои Р.М. Ҷанбаҳои методии ташкили фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2026. – № 5. – С. 283–293. (0,7 ҷ.ч.).

[4-М]. Маҳмадуллои Р.М. Ҷанбаҳои экологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар комплекси агросаноатӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2026. – № 1 (61). – С. 88–96. (0,5 ҷ.ч.).

[5-М]. Маҳмадуллои Р.М. , Сайфиддинзода С.С.Моҳияти иқтисодии комплекси агросаноатӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии хоҷагӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2026. – № 2 (62). – С. 327–337. (0,7 ҷ.ч.).

Б. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводи конференсияҳо:

[6-М]. Маҳмадуллои Р.М. Самтҳои рақамикунонӣ ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Инкишофи бартариятҳои рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» (28 марти соли 2026). – Душанбе, 2026. – 444 с. – С. 433–444. (0,8 ҷ.ч.).

[7-М]. Маҳмадуллои Р.М. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун асоси танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои тағйирёбии иқлим ва таъсири онҳо ба муҳити зист: имкониятҳо ва роҳҳои ҳал» (ш. Душанбе, 28 ноябри соли 2025). – С. 148–152. (0,3 ҷ.ч.).

[8-М]. Маҳмадуллои Р.М., Ҳайдаров Ф.С., Асоев А.Х. Омилҳои таъсиррасон ба самаранок истифодабарии заминҳои кишварзӣ // Маводи конференсияи илмӣ-илмии ҷумҳуриявӣ «Нақши олмиони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ», бахшида ба солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018–2028. – Душанбе, 2024. – С. 280–282. (0,2 ҷ.ч.).

[9-М]. Маҳмадуллои Р.М. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун асоси танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои тағйирёбии иқлим ва таъсири онҳо ба муҳити зист: имкониятҳо ва роҳҳои ҳал» (ш. Душанбе, 28 ноябри соли 2025). – С. 148–152. (0,3 ҷ.ч.).


[10-М]. Маҳмадуллои Р.М., Иброҳимов Т.Н. Роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омилҳои таъсиррасон ба самаранок истифодабарии заминҳои кишварзӣ // Маводи конференсияи илмӣ-илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олмиони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот», бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон соли 2025 эълон шудани «Соли рушди илми кишоварзӣ ва технологияи инноватсионӣ». – Душанбе, 2025. – С. 353–355. (0,2 ҷ.ч.)

[11-М]. Юсуфзода Ҳ.Ф., Маҳмадуллои Р.М., Иброҳимов Т.Н. Государственное регулирование рынка как механизм повышения экономической эффективности производства в сельском хозяйстве // Маводи конференсияи илмию амалии минтақавӣ дар мавзуи «Рушди инфрасохтори истеҳсолии деҳот: тамоюлҳо ва мушкилот». – Душанбе, 2024. – С. 140–148. (0,6 п.л.).

[12-М]. Маҳмадуллои Р.М. Мафҳум, моҳият ва нақши ҳособкунӣ дар нишондиҳандаҳои иттилоотии иқтисодӣ // Маҷмуаи мақолаҳо аз конфронси илмии амалии ҷумҳуриявӣ бо номи «Саноатигардонии босуръати кишвар ва мушкилоти рушди рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Шӯрои омӯзгорон ва донишҷӯёни Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе, 2 декабри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 28–32. (0,25 ҷ.ч.)

ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

УДК: 657: 631.1
ББК 65.300-65.318



На правах рукописи

МАХМАДУЛЛОИ РАХМОНИ МАХМАДАЛИ

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА НА ПРЕДПРИЯТИЯХ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ АГРАРНОЙ ЭКОСИСТЕМЫ

(на примере предприятий Хатлонской области)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени
доктора философии (PhD) - доктора по специальности
6D050800 - Учет и аудит (6D050801 - Бухгалтерский учет и аудит)

Научный руководитель:
Сайфиддинзода С.С., доктора
философии (PhD)

ДУШАНБЕ - 2026

Диссертация выполнена в отделе изучение кластерного процесса в агропромышленном комплексе Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук

Научный руководитель:	**Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин,** доктор философии (PhD), старший научный сотрудник отдела международных отношений и работа с грантами Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
Официальные оппоненты:	**Кодирова Гулмо Толибовна** - доктор экономических наук, доцент, заведующая кафедрой менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республике Таджикистан **Манучехри Нозимии Раджабзода** - доктор философии (PhD), старший предподаватель кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни
Ведущая организация	Таджикский государственный финансово-экономический университет

Защита диссертации состоится 14 ноября, 10.00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-100 при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбад 48/5, учебный корпус «В», ауд. №305, E-mail: 6d.koa.100@mail.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 981000050.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «_____» «_____» 2026 г.

Ученый секретарь диссертационного совета, доктор философии (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**

В В Е Д Е Н И Е

Актуальность темы исследования обосновывается растущей потребностью национальной экономики и её отраслей в своевременной и эффективной системе учета управленческих процессов с учетом обеспечения достоверной информации на различных этапах принятия производственных решений. В настоящее время **а**гропромышленный комплекс занимает особое место в экономике Республики Таджикистан и его регионов. Его развитие непосредственно связано с обеспечения населения продвольствеим и устойчивостью доходов селських семей, а промышленности в продуктах переработки. Для Хатлонской области этот поврос имеет особое значение, т.к., значетельная часть её населения занятая производсвтом и переработкой селскохозяйстенной продукции.

В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. к числу основных проблем развития агропромышленного комплекса относится «слабый механизм государственной финансовой поддержки предприятий АПК; препятствия для консолидации земельных участков, затрудняющие инвестиции в создание крупных высокопроизводительных агробизнесов; отсталая материально-техническая база АПК при ограниченном доступе его предприятий к информации о потенциальных рынках сбыта, длительность и дороговизна внешнеторговых операций, что создает угрозы обеспечению продовольственной безопасности» [38, С.74]. Последнее связывается, в частности, с отсутствием эффективной системы управленческого учета в сельскохозяйственных и промышленных предприятиях республики.

Между тем, современный период отличается бурным развитием технологии и методов управленческого учета. В развитых странах мира широко используются новейшие технологии управленческого учета, способствующие получению необходимых достоверных сведений о затратах, доходах и результатах работы различных подразделений производственных структур. Управленческий учет перешел на новый этап развития, отличительной особенностью которого связывается с широким использованием цифровых технологий при сборе, обработке и обобщении управленческой информации.

Следует отметить, что в современных условиях экономические субъекты функционируют в условиях конкурентной среды с учетом взаимодействия с элементами внешней среды. Уровень и способы взаимодействия экономических субъектов в конкурентной среде определяют качество функционирования экосистемы стратегического партнерства субъектов. Характер функционирования экосистемы и интенсивность взаимодействия хозяйствующих субъектов обусловливает использование единой унифицированной системы учета управленческих процессов, способной обеспечить отчетность и своевременность обмена информацией. В этой связи нарастает необходимость использования экосистемного подхода для повышения управленческого учета в среде функционирования хозяйствующих субъектов АПК и сельского хозяйства.

Стержнем эволюционных изменений в управленческом учете выступают цифровые технологии. Цифровизация управленческого учета сопровождается усложнением межхозяйственного взаимодействия субъектов в рамках экосистемного подхода. В таких условиях требуется методическое обеспечение эффективности управленческого учета, способного ответить на вызовы конкурентной среды бизнеса.

Несмотря на позитивные изменения последних лет АПК Хатлонской области Таджикистана качество и эффективность управленческого учета сильно оставляет желать лучшего. Наиболее перспективным в плане достижения высоких результатов в системе менеджмента сельскохозяйственных предприятий выступает определения границы использования экосистемного подхода в управленческом учете. Последнее может способствовать сбалансированной реализации новейших технологии управленческого учета в среде функционирования и взаимодействия хозяйствующих субъектов с учетом формирования и развития экосистемы аграрного производства. Выявленные проблемы определили выбор темы диссертационной работы. Решение поставленных вопросов необходимо для повышения качества управленческой информации и укрепления экономической устойчивости предприятий Хатлонской области.

Степень разработанности научной темы. Теоретические и методические вопросы управленческого учёта получили широкое освещение в зарубежной экономической литературе. Научные основы данного направления формировались по мере усложнения производства и расширения информационных потребностей руководства. Постепенно учёт затрат стал рассматриваться как основа внутреннего планирования и контроля.

Значительный вклад в развитие теории управленческого учёта внесли Р. Энтони [51], Дж. Хорнгрен [55], Р. Каплан [56], К. Друри [53], Р. Хансен [54], Дж. Шанк [57], Дж. Аткинсон [52], Р. Саймонс [58]. В их трудах раскрыты методы исчисления затрат и оценки деятельности подразделений. Большое внимание уделено бюджетированию и подготовке внутренней отчётности. Данные исследования создали методическую основу для принятия решений на уровне предприятия.

Различные аспекты организации управленческого учета, совершенствования учета затрат, анализа деятельности хозяйствующих субъектов и адаптации системы учета к условиям рыночной экономики широко отражены в работах ученых из стран СНГ, в том числе С. А. Николаевой [29], В. Б. Ивашкевича [11], М. А. Вахрушиной [4], Я. В. Соколова [37], В. Ф. Палия [30], О. Д. Кавериной [12], Н. Г. Чумаченко [48], В. Е. Керимова [16], Т. П. Карповой [14], А. Д. Шеремета [50] и др.

В Республике Таджикистан вопросы теории и практики бухгалтерского учета и управления, учета затрат, анализа экономической деятельности и развития агропромышленного комплекса также изучались в работах ряда отечественных ученых. В этом направлении можно упомянуть работы Д.Н. Дадоматова [7], С.Х. Рахимова [32], Б.Х. Каримова [13], М.Р. Кошоновой

[20], Б.М. Кузибаевой [21], Т.Б. Раджабова [33], Г.К. Курбонализоды [23], Д.С. Амоновой [2], И.О.Шарипова [49], А. Амирджони [1], С.Дж. Комилова [18], Р.Н. Кодирова [22], М.Ш. Мирзозоды [27], З.Т. Набиевой [28], С.С. Сайфиддинзоды [34], Дж.Х. Тагоева [40], Н. Хоналиева [43], К.Х. Хушвахтзоды [45], Хакимовой М.А. [46] и другие исследователи заслуживают упоминания.

